ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф

# МУҲИТИ ТАЪЛИМ ҲАМЧУН ОМИЛИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

**Барои директорони
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**



МОДУЛИ

2

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

# МОДУЛИ 2

## МУҲИТИ ТАЪЛИМ ҲАМЧУН ОМИЛИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

**Модули таълимӣ барои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-1 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттиб:** Ғуломносир Қурбонов

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

Б. Муҳиддинзода, сармутахассиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Т. Турдиев, мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Модул дар асоси санадҳои меъёрии амалкунандаи соҳаи маориф, Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, ба ташаккули фаҳмиши системанок дар бораи муҳити таълим ҳамчун омили асосии баландбардории сифати таҳсилот равона гардидааст.

Дар ҷараёни омӯзиш, мафҳумҳо, унсурҳо, сатҳҳо ва вазифаҳои муҳити таълим, ҳамчунин моделҳои маъмул ва механизмҳои татбиқи амалӣ дар муассисаҳои таълимӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Ба таври махсус, ба робитаи байни сифати муҳити таълим, ангезиши таълимии хонандагон, сатҳи ҷалби онҳо ва рушди салоҳиятҳои калидӣ (тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ, маҳорати омӯхтан), инчунин нақши стратегии директори муассиса дар ташаккул ва рушди муҳити таълим диққати махсус дода шудааст.

**Мундарича**


Пешгуфтор ........................................................................................................ 4

1. Мафҳуми муҳити таълим: унсурҳо, сатҳ ва вазифаҳо .............................................. 5

2. Моделҳои муҳити таълим ва татбиқи онҳо дар амалияи муассисаи таълимӣ ......... 18

3. Иртиботи муҳити таълим бо ҳавасмандкунӣ ва ташаккули салоҳиятҳои калидӣ........................................................................................................ 30

4. Нақши директор дар рушди муҳити таълим: ташхис, лоиҳакашӣ ва тағйирот ....... 44

Адабиёт ва сарчашмаҳо........................................................................................ 56

# ПЕШГУФТОР

*«Дар ҷараёни татбиқи лоиҳа (муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат) зарур аст, ки муҳити мусоид барои дастрасӣ ба таҳсил, таълими самаранок ва таҳияи китобҳои дарсии насли нав, баланд бардоштани сифати таҳсил, таҳлил ва арзёбии раванди таълиму тарбия, беҳтарсозии инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ таъмин гардад»[1].*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дар шароити муосири таҳсилот, шарти асосии таъмини омӯзиши босифат на танҳо мухтавои таълим, балки муҳите мебошад, ки дар он таълим амалӣ мегардад. Муҳити таълимӣ танҳо маҷмӯи синфхонаҳо, ҷадвалҳо ва захираҳо набуда, як низоми зиндаи ҳамкорист, ки дар он ангезаи таълимии хонанда, эҳсоси мансубият, ҳавасмандӣ ба дониш ва омодагӣ ба чолишҳои асри XXI ташаккул меёбанд.

Рушди салоҳиятҳои калидӣ (салоҳиятҳои асосии эҷодкорӣ, тафаккури интиқодӣ, муоширaт, ҳамкорӣ ва маҳорати омӯхтан, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ ҳамчун 4К+ ишора карда мешавад) бидуни муҳити созмонёфта номумкин аст. Муҳите, ки дар он хонандагон эҳсоси дастгирӣ, имкони интихоб ва эҳтиром ба андешаи шахсии худро доранд. Чунин муҳит тавассути кӯшиши дастаҷамъона эҷод мегардад, аммо меъмор ва неруи ҳаракатдиҳандаи он директори муассиса ҳамчун раҳбари ислоҳот мебошад.

Модул бо дарназардошти афзалиятҳои миллӣ — Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Чаҳорчӯбаи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва заминаи меъёрии амалкунанда таҳия шудааст. Он ба директорони муасссисаҳои таълимӣ кумак мекунад, ки равишҳои навро дар тархрезии муҳити таълим дарк намоянд, абзорҳои ташхисро азхуд кунанд ва равандҳои тағйиротро бо касбият ва огоҳӣ ҳамроҳӣ намоянд.

Ин курс даъват ба рушд аст. Он имкон фароҳам меорад, ки ба муассисаи таълимӣ ҳамчун организми зинда назар афканда шавад, ки ҳар як унсури он дар кушодани маҳорати кӯдакон ва омӯзгорон нақш мебозад.

**Модул барои курси директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тавсия дода мешавад, ки ба азхудкунии равишҳои муосири рушди муҳити таълим ҳамчун захираи асосии баландбардории сифати таҳсилот равона гардидааст.**

Дар доираи модул ба **идоракунии тағйирот ва банақшагирии стратегӣ** барои фароҳамсозии муҳити **ҳавасмандкунанда, бехатар ва рушддиҳанда** барои хонандагону омӯзгорон таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

[1] Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» *28.12.2023, Душанбе.*

# МАВЗУИ 1

## Мафҳуми муҳити таълим: унсурҳо, сатҳҳо, вазифаҳо

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Унсурҳои асосии муҳити таълим: ҷисмонӣ, равонӣ, иҷтимоӣ.
- Сатҳҳо ва вазифаҳои муҳити таълим дар мазмуни раванди таълим.
- Гурӯҳбандӣ ва моделҳои муҳити таълим: анъанавӣ, фарогир, рақамӣ ва ғайра.
- Нақши муҳити таълим дар татбиқи Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030**.**

**Чиро бояд тавонем?**

- Таҳлили муҳити кунунии таълим бо истифода аз абзорҳои ташхисӣ.
- Арзёбии таъсири муҳит ба сифати натиҷаҳои таълим.
- Муайн намудани самтҳои афзалиятноки муҳити таълим.
- Муайян кардани вазифаҳои муҳити таълим вобаста ба вазифаҳои таълиму тарбия.
- Ҷорӣ намудани роҳҳо барои рушди салоҳиятҳои 4К дар раванди эҷоди муҳити таълимӣ.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Муҳити таълимӣ дар шароити муассисаи таълимии муосир чӣ гуна ба сифати таҳсил таъсир мерасонад?
- Кадом унсурҳои муҳит бештар ба ангезиш ва ҷалби хонандагон таъсир доранд?
- Дар ҷараёни тағйирдиҳии муҳит кадом мушкилиҳо рух дода метавонанд ва чӣ гуна бояд бо онҳо мубориза бурд?
- Чӣ гуна таҷрибаи байналмилалиро ба шароити миллӣ ва муассиса мутобиқ кардан мумкин аст?

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Моҳияти муҳити таълимро ҳамчун низом, ки ҷузъҳои ҷисмонӣ, равонӣ, иҷтимоӣ ва ташкилиро дар бар мегирад, дарк намоед.
2. Сатҳҳои муҳити таълим (инфиродӣ, гурӯҳӣ, муассисавӣ, иҷтимоии беруна)–ро фарқ карда, донед, ки онҳо чӣ гуна бо ҳам алоқаманд мебошанд.
3. Вазифаҳои муҳити таълим, аз ҷумла, рушддиҳанда, иҷтимоисозӣ, ангезишдиҳанда ва мутобиқсозандаро тавсиф кунед.
4. Унсурҳои муҳити таълимро дар муассисаи худ таҳлил ва гурӯҳбандӣ намоед.

# ПЕШГУФТОР

**Муҳити таълим** танҳо заминаи минбаъда барои ҷараёни таълим набуда, як омили фаъолест, ки сифати таҳсилотро ташаккул медиҳад, ба ҳолати равонии иштирокчиён, ангеза, услуби ҳамкорӣ ва ҳатто ба амиқии азбаркунӣ таъсир мерасонад. Он ҳама чизро дар бар мегирад: аз муҳити ҷисмонӣ то муошират, аз қарорҳои ташкилӣ то арзишҳое, ки аз ҷониби муассиса интиқол дода мешаванд.

Фаҳмидани муҳити таълимӣ ҳамчун низоми бисёрпаҳлу ва серҷузъ ба омӯзгорон ва роҳбарон имкон медиҳад, ки шароити мусоид барои рушди шахсияти хонандагонро огаҳмандона ва мақсаднок ташкил кунанд. Омӯзиши сохтори он (компонентҳо), сатҳҳо (инфиродӣ, гурӯҳӣ, муассисавӣ ва иҷтимоии беруна) ва вазифаҳо (омӯзишӣ, тарбиявӣ, ангезишӣ, танзимгар ва ғайра) заминаи боэътимоди корбарии системавӣ ва ҳадафмандро барои такмил додани муҳит таъмин мекунад.

Ин фасл заминаи консептуалии мавзуъҳои минбаъдаи модулро мегузорад ва диққатро ба он ҷалб мекунад, ки муҳит танҳо замина нест, балки **қувваи ҳаракатдиҳандаи тағйироти таълимӣ** мебошад. Дар ин машғулият мо ба муҳит ҳамчун **захира** муносибат карда, дар он на танҳо замина, балки **шарики омӯзишро** мебинем.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Муҳити таълим** — маҷмуи шароите мебошад, ки барои рушди шахсияти таҳсилкунанда ва амалӣ гардидани барномаҳои таълимӣ замина фароҳам меорад. Он, ҳам инфрасохтори ҷисмонӣ ҳам ҷанбаҳои иҷтимоӣ-психологӣ ва ҳам ташкилиро дар бар мегирад.

**Муҳити ҷисмонӣ** — шароити моддии раванди таълим: бино, синфхонаҳо, ҷевон, таҷҳизот, равшанӣ, вентилятсия, дастрасии фазо ва ғайраро дарбар мегирад.

**Муҳити** муоширатӣ— тарзи ҳамкории дар муассиса ташкилёфта: киҳо сухан мегӯянд, киҳо гӯш мекунанд, чӣ гуна қарорҳо қабул мешаванд, кадом шаклҳои бозхурд (feedback) мавҷуданд. На танҳо сохтори расмӣ, балки таҷрибаи ҳаррӯзаи муошират низ муҳим аст.

**Муҳити фарҳангӣ** — меъёрҳо, расму оинҳо, анъанаҳои синф ва муассиса, одатҳое, ки «муҳити ноаён»-и муассисаро ташаккул медиҳанд. Ҳамаи ин якҷо фазои таълим, арзишҳо ва қоидаҳои нонавиштаро месозанд.

**Сатҳҳои муҳити таълим** —зинаҳои гуногуни зуҳур ва фаъолияти муҳити таълим, аз дарки инфиродӣ аз ҷониби хонанда то таъсири муҳити иҷтимоии фарох ва меъёрӣ мебошанд.

**Вазифаҳои муҳити таълим** — самтҳои таъсир ба иштирокчиёни раванди таълим, ки тавассути онҳо муҳит ба омӯзиш, тарбия ва рушди шахсият мусоидат мекунад.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

1. Ҷузъҳои муҳити таълимро фарқ карда тавонистан.
2. Сатҳҳои муҳити таълимро фарқ кардан.
3. Қобилияти муайян кардани вазифаҳои муҳити таълимро доштан.



### АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Ҷойҳои холии таърифро пур кунед:** Муҳити таълим дар бар мегирад ________, ____________________________ва____________________, ______________________________ ки ба раванди таълим таъсир мерасонанд.

**2. «Дуруст/нодуруст» Мушаххас кунед, кадом изҳорот дуруст ва кадоме нодурустанд:**
1. Салоҳиятҳои калидӣ идоракунии вақт ва фаъолиятҳои ҷисмониро дар бар мегирад.
2. Директори муассиса танҳо барои корҳои маъмурӣ масъул аст, муҳити таълим бе иштироки ӯ ташаккул меёбад.
3. Ташхиси муҳити таълим барои муайян кардани ҷанбаҳои қавӣ ва сусти муҳити муассиса кумак мекунад.

**3. «Мувофиқ созед...» Унсурҳои муҳити таълимиро бо хусусиятҳои онҳо мувофиқ намоед:**

| Унсур | Хусусият |
|---|---|
| a) Муҳити ҷисмонӣ | 1) тавассути ҳамкории хонандагон ва омӯзгорон шакл мегирад |
| b) Муҳити иҷтимоӣ | 2) синфхонаҳо, ҷевону ашё ва таҷҳизоти техникии омӯзиш |
| c) Муҳити иттилоотӣ | 3) барномаҳои таълимӣ, маводди методӣ ва технологияҳо |

**4. Интихоб кунед: Кадом унсур ба муҳити таълим тааллуқ надорад?**
а) муҳити ҷисмонӣ
б) маводи таълимӣ
в) завқу майлҳои инфиродии хонандагон

**5. Дуруст ё нодуруст?**
1. Директори муассиса ба муҳити таълим таъсир намерасонад __________.
2. Ангезиши таълимӣ аз муҳити таълим вобаста аст __________.
3. Дар муҳити таълим танҳо шароити физикӣ аҳамият дорад __________.



**4. Ангезиши зеҳн**
**Супориш:**
- Аксро бо диққат дида бароед.
- 3 унсури муҳити атрофро номбар кунед, ки бе таъмир иваз кардан мумкин аст.
- Ин тағйирот ба хонандагон чӣ фоида меоранд?



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 2.1-ро бо диққат хонда, сипас сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи худбаҳодиҳии 2.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 2.1**

**«Шояд одамон симои муайян надошта бошанд:**
**онҳо вобаста ба муҳити атрофашон тағйир меёбанд»**
Лион Фейхтвангер

Воқеан, кадом омилҳо рушди хонандаро муайян мекунад? Китобҳои дарсӣ, барномаҳо, омӯзгорон? Вале як лаҳза таваққуф кунед: ҳамаи ин дар кадом шароит амалӣ мешавад? Шогирд дар куҷо мешинад, овози омӯзгор чӣ гуна садо медиҳад, дар долон ба чӣ ё кӣ нигоҳ мекунад, оё ҷое барои пурсиш ва муколамаи танҳоӣ ҳаст? Ин аст муҳити таълим – матои ноаёне, ки тамоми раванди таълим ба он вобастагӣ дорад.

### *1. МАФҲУМИ МУҲИТИ ТАЪЛИМӢ*

Солҳои охир истилоҳи «муҳити таълим» ба мисли истилоҳҳои «омӯзиш», «рушд», «тарбия», ва «инноватсия дар маориф» маъмул шудааст. Нақши муҳими муҳити таълим дар сифати таҳсил ва самаранокии он ба яке аз масъалаҳои марказии илми педагогика ва амалияи муосир табдил ёфтааст.

Дар умум, дар соҳаи педагогика муҳит чун маҷмуи шароитҳое фаҳмида мешавад, ки ба ташаккул ва рушди қобилиятҳо, ниёзҳо, манфиатҳо ва шуури шахс таъсир мерасонанд.

«Муҳити таълим» мафҳуми умумиест, ки ба мафҳумҳои дигар, мисли «муҳити муассисаӣ», «муҳити оилавӣ» ва ғайра дахл дорад. Ҳар яки онҳо намунаҳои муҳити маҳаллии таълимӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки ин мафҳум ба таври нисбатан нав ба илми педагогика ворид шудааст. Аммо таҳлили таърихиву педагогӣ нишон медиҳад, ки устодони бузурги замонҳои гуногун аз давраи Юнони Қадим сар карда, ҳамеша зарурати истифодаи имконоти тарбиявии муҳитро таъкид намудаанд.

«Ба ҳар ҳол, дар амалия то имрӯз арзёбии сифати таълим асосан ба натиҷаҳои фаннӣ такя мекунад, дар ҳоле ки сифати муҳити муассисаӣ бештар чун мутобиқати бино ва таҷҳизот ба стандартҳо фаҳмида мешавад[2]«.

Фалсафаи маориф муҳитро ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини рушди шахсият мешуморад.

Бо вуҷуди ин, тибқи таърифи луғат, «фазо» шакли ҳамзистии объектҳои моддӣ ва раванди воқеист (С.И. Ожегов, 1986). Аммо «муҳит» маънои робита бо шахс, фароҳамсозии шароит ва механизмҳои рушду худинкишофдиҳӣ, инчунин, воситаҳо барои расидан ба ҳадафҳоро дорад (А.В. Иванов, 2011). Аз ин рӯ, муассисаро бояд ҳамчун «ҳомили институтсионалӣ»-и муҳити муайяни таълим ва системаи муассисаҳоро чун фазои таълимӣ (Е.Н. Богданов, З.И. Тюмасева, 2003) донист.

**Муҳити муассисаӣ** маҷмуи имкониятест, ки барои рушди шахсияти хонандагон бо таъсири шароити тарҳрезишудаи педагогӣ, ташкилӣ-технологӣ ва муҳити моддӣ ба вуҷуд меоянд. Ин муҳит, инчунин, ба воситаи омилҳои тасодуфӣ ва робитаҳои рӯйдодии аъзои ҷомеаи муассисаӣ ташаккул меёбад (Ясвин В. А.)[3].

---

[2] **Ясвин В.А.** Школьная среда как предмет измерения: экспертиза, проектирование, управление. / — М.: Народное образование, 2019. — 448 с. Стр 11.
[3] ҳамон ҷо, саҳ. 42.

**Муҳити таълим** — мавзуи муҳиммест дар таҳқиқоти олимоне, ки дар соҳаҳои педагогика, психология ва технологияҳои таълимӣ фаъолият мекунанд. Ин аст андешаҳои баъзе муҳаққиқон.

| № | Номи олимон | Ғояи асосӣ | Тезисҳои калидӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Б. Я. Свин | Свин муҳити таълимро ҳамчун системае тасвир мекунад, ки ба рушди шахсият таъсир мерасонад. Ӯ ба зарурати мутобиқшавии муҳити таълимӣ таъкид мекунад. | • Муҳит на танҳо ба муваффақиятҳои таълимӣ, балки ба рушди шахсӣ низ таъсир дорад.<br>• Хусусиятҳои инфиродии хонандагон бояд ба эътибор гирифта шаванд.<br>• Усулҳои интерактивӣ равандҳои таълимро беҳтар мекунанд. |
| 2 | М. Монтессори | Монтессори мафҳуми муҳити рушдро дида баромад, ки дар он хонандагон худомӯзанд ва омӯзгор нақши роҳнамо дорад. | • Муҳит бояд мутобиқшаванда бошад, то кӯдак бо суръати худ омӯзад.<br>• Ба хонандагон озодии интихоб додан муҳим аст.<br>• Омӯзиш бояд ба рушди табиии кӯдак асос ёбад. |
| 3 | Л.С. Виготский | Виготский мафҳуми «минтақаи наздики рушд»-ро тарҳрезӣ кард ва нақши муҳитро дар таълим таъкид намуд. | • Омӯзиш дар асоси ҳамкорӣ бо шахси донотар сурат мегирад.<br>• Муҳит ба ташаккули равандҳои пазириш таъсир мерасонад.<br>• Шароити равонӣ ва иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад. |
| 4 | Ҷон Дюи | Дюи муҳити таълимро чун муҳити интерактивие мебинад, ки дониш тавассути таҷрибаи амалӣ ба даст меояд. | • Муҳити таълимӣ бояд динамикӣ ва фаъолсозанда бошад.<br>• Пайванди назария ва амал муҳим аст.<br>• Раванди таълим бояд дар асоси таҷриба ва таҳқиқот бошад. |
| 5 | К.Д. Ушинский | Ушинский таъкид мекард, ки муҳити таълим бояд ба хусусиятҳои равонии хонандагон ва фарҳанги миллӣ такя кунад. | • Омӯзиш бояд хусусиятҳои фарҳанги миллӣ ва шахсиятро ба эътибор гирад.<br>• Муҳит ба рушди фикрронӣ ва хотира мусоидат мекунад.<br>• Муҳити хуб шахсияти хонандаро ташаккул медиҳад. |
| 6 | С. Т. Шатский | Шатский ҷонибдори омӯзиши фаъол буд, ки дар он хонандагон донишро тавассути таҳқиқот ва амал омӯхта, аз худ мекунанд. | • Муҳити таълим бояд мустақилияти хонандагонро дастгирӣ кунад.<br>• Фикррронӣ ба таври эҷодӣ ва интиқодӣ бояд инкишоф ёбад.<br>• Усулҳои амалӣ нисбат ба шеваи пассиви қабул таъсирбахштаранд. |
| 7 | В. А. Ясвин | Ясвин модели муҳити таълимро бо истифода аз ду меҳвари муқобил пешниҳод кардааст: «озодӣ–вобастагӣ» ва «фаъолият–бефаъолиятӣ». | • «Озодӣ–вобастагӣ» ангеза, арзишҳо ва эҳсосоти кӯдакро инъикос мекунад.<br>• «Фаъолият–бефаъолиятӣ» нишондиҳандаи рафтори хонанда ва ҳамкорӣ бо омӯзгор аст. |

Дар соҳаи педагогика ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтаво ва моҳияти муҳити таълим ва раванди таълим дар асарҳои илмии Маҳмадуллоев Л., Шарифзода Ф., Каримова И., Қодиров Б., Зубайдов У., Имомназаров Д. ва дигарон ҳамаҷониба кушода таҳлил, баррасӣ ва тавзеҳ дода шудаанд. Амо худи мафҳум ҳамчун истилоҳ дар

соҳаи маориф инъикоси худро дар «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ёфтааст: [4]

«Муҳити таълим ва омӯзиш шароити мукаммали физикӣ, иҷтимоӣ ва педагогӣ мебошад, ки дар он амалӣ намудани раванди омӯзиш дар назар дошта шуда, малака ва салоҳияти омӯзгорон, инчунин, муҳити физикии омӯзишро дар бар мегирад, ки дар он раванди таълим (таҳсил) сурат мегирад.

Муҳити педагогӣ низоми махсусест барои ташкили фаъолияти таълимгирандагон мувофиқи мақсадҳои педагогӣ, ки ба ташаккули муносибатҳои онҳо ба олам, одамон ва ҳамдигар нигаронида шудааст. Дар умум, муҳити педагогӣ ҳамчун маҷмуи шароитҳое, ки дар он таълим, тарбия ва рушди шахсият амалӣ мегарданд, фаҳмида мешавад.

Муҳити физикӣ ба муҳити омӯзишӣ (аз қабили синфхонаҳо ва дигар ҳуҷраҳо барои гузаронидани раванди омӯзиш ва таълим), ки дар онҳо таълимгирандагон, омӯзгорон, мазмун ва мундариҷаи таълим, таҷҳизот ва технологияҳо дар ҳамгироӣ амал мекунанд; инчунин, ба муассиса (аз ҷумла биноҳо, китобхонаҳо, ҳоҷатхонаҳо, ошхонаҳо, майдончаҳои бозӣ ва дигар муҳитҳои берунаи биноги муассисаи таълимӣ) ва шабакаҳои муассисаҳои таълимӣ, ки дар як қаламрави муайян ба таври дастаҷамъӣ хидматрасониҳои таълимиро пешниҳод мекунанд, дахл дорад»[5].

**Хондани мустақил бо истифодаи усули «ИНСЕРТ»:** Матнро хонед ва дар канори он қайдҳо гузоред: **«V»** — ман инро медонистам, **«+»** — иттилооти нав, **«-»** — ман бо ин розӣ нестам ё ин фикр баҳсбарангез аст, **«?»** — савол дорам ё чизе нофаҳмо аст.

## *2. УНСУРҲОИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ*

Муҳити таълим унсурҳои гуногунеро дар бар мегирад, ки барои таълими самаранок ва рушди шахсият шароит фароҳам меоранд.

### 1. *МУҲИТИ ФИЗИКӢ*

Вақте мо «муҳити физикӣ» мегӯем, фавран ба хотир меорем: таъмир, мизу курсӣ, техника. Ин дуруст аст. Вале муҳим аст, ки дар хотир дошта бошем: ҳатто бо захираҳои маҳдуд метавон муҳитро дӯстона, чандҷониба ва бароҳат сохт.

**Муҳити физикӣ аз чӣ иборат аст?**

- **Синфхонаҳо ва утоқҳои таълимӣ** – озмоишгоҳҳо, китобхонаҳо, толорҳои варзишӣ.
- **Таҷҳизот** – компютерҳо, тахтаҳои интерактивӣ, мебел.
- **Амният** – муҳофизати зиддисӯхторӣ, равшанӣ, шароити санитарӣ.
- **Дастрасӣ** – имкони таҳсил барои кӯдакони дорои ниёзҳои махсус (пандусҳо, синфхонаҳои махсусгардонидашуда).

**Намуна**: Муассисае, ки бо озмоишгоҳҳои муосири **STEM** муҷаҳҳаз шудааст, ба хонандагон имкон медиҳад, ки таҷриба гузаронанд ва малакаҳои амалиро инкишоф диҳанд *(STEM — равиши таълимиест, ки чор соҳаи калидиро муттаҳид мекунад: S – Science (Илм), T – Technology (Технология), E – Engineering (Муҳандисӣ), M – Mathematics (Математика)).*

### *2. МУҲИТИ РАВОНӢ -ПЕДАГОГӢ*

Ин унсур иқлими эмотсионалӣ ва пуштибонии равонии хонандагонро муайян мекунад.

**Унсурҳои мушаххас:**

- **Фарҳанги муошират** – эҳтиром, эътимод, фарогирӣ (инклюзивӣ).

[4] Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз январи соли 2025, №2/3 тасдиқ карда шудааст.

[5] Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз январи соли 2025, №2/3.

- **Пуштибонии ҳавасмандкунӣ ба таълим** – муносибати инфиродӣ, ташаккули шавқи омӯзиш.
- **Амнияти равонӣ** – имкони муколамаи озод, барномаҳои зидди моббинг (зӯроварии равонӣ аз тарафи гурӯҳ ё коллектив).
- **Усулҳои таълим** – истифодаи технологияҳои интерактивӣ, таълими лоиҳавӣ.

### *3. МУҲИТИ СОЗМОНДИҲӢ*

Муҳити созмондиҳӣ низоми идораи раванди таълим, сохтори маъмурӣ ва сиёсатҳои таълимиро дар бар мегирад.

**Унсурҳои мушаххас:**

- **Оинномa ва қоидаҳои муассиса** – қоидаҳо, меъёрҳои рафтор ва интизом.
- **Низоми баҳодиҳӣ** – усулҳои санҷиши дониш, шаклҳои имтиҳон ва тест.
- **Ҳамкории иштирокчиён** – омӯзгорон, хонандагон, падару модарон ва созмонҳои ҷамъиятӣ.
- **Дастгирии навоварӣ** – асоснокию боэътимодии барномаҳо ва мутобиқшавӣ ба тағйирот.

### *4. МУҲИТИ РАҚАМӢ*

**Дар шароити идеалӣ муҳити рақамӣ китобхонаҳои электронӣ, низомҳои идоракунии таълим (LMS) ва синфҳои виртуалиро (интернет) дар бар мегирад.** Вале дар воқеияти аксари муассисаҳои Тоҷикистон ҳама чиз содатар аст, мессенҷерҳо, аксҳо ва паёмҳои овозӣ тавассути WhatsApp. Аммо ҳатто чунин абзорҳо низ метавонанд, ҷузъи муҳити рақамӣ бошанд, агар ҳадаф ва маънӣ вуҷуд дошта бошад.

Намунаи муҳити рақамии маҳдудро дар шакли ҷадвали зерин овардем:

| **Унсур** | **Намунаи истифода** |
|---|---|
| **Гурӯҳҳои WhatsApp** | Муошират байни омӯзгор ва хонандагон, волидон (гурӯҳ барои муошират, мубодилаи маълумот), омӯзиш ва ҳамкорӣ байни аъзоён ташкил мешаванд. |
| **Шабакаи Telegram** | Фиристодани супоришҳо, видеотафсирҳо ва иттилоот |
| **Аксҳо/файлҳои овозӣ** | Супориши хонагӣ дар шакли паёми овозӣ |
| **Варақаҳои рақамӣ** | Сканҳои ҷадвалҳо, расмҳо ва тарҳҳо |

### 5. *МУҲИТИ МУОШИРАТӢ*

Муҳити муоширатӣ аксаран унсуре мебошад, ки ба он кам баҳо дода мешавад. Вале маҳз он чӣ гуна «садо медиҳад» муассиса руҳи онро муайян мекунад. Муҳити муоширатӣ/алоқадорӣ (коммуникатсионӣ) танҳо маънои «кӣ бо кӣ гап мезанад»-ро надорад. Он иборат аст аз:

- **Забоне**, ки хонандагон ва омӯзгорон истифода мебаранд (ба маънои ҳақиқӣ ва маҷозӣ);
- **Интонатсия** – меҳрубонӣ, эҳтиром, қатъият ё масхара;
- **Шабакаҳо** – оё ҷойе ҳаст, ки одамон фикрашонро гӯянд, савол диҳанд, шикоят кунанд, ё ҳисса гузоранд?

Омӯзгорон маъмуриятро метавонад бо як саволи одӣ оғоз намояд: ***Хонанда пагоҳӣ, вақте вориди муассиса мешавад, чӣ мешунавад? Ва ӯ мехоҳад дубора ба он ҷо баргардад?***

**Мисол:**

Дар як муассисаи таълимии деҳот гурӯҳи омӯзгорон қарор доданд, ки ҳар субҳ ҳар як омӯзгор бо ҳадди ақал се нафар хонандаро, ки дарс намедиҳад, бо ба забон овардани номи шахсиаш салом мекунад. Пас аз як моҳ фазои эҳсосии умумии муассиса дигаргун шуд: кӯдакон байни ҳам салом медоданд, дар танаффусҳо муколама бештар мешуд, садои баланд камтар ба гӯш мерасад.

## *6. МУҲИТИ ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГӢ*

Муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ робитаи муассисаро бо ҷомеа таъмин ва рушди малакаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии хонандагонро дастгирӣ мекунад.

**Унсурҳои мушаххас:**

- **Ҳамкорӣ бо волидон** – маҷлисҳои волидайн, иштироки онҳо дар раванди таълим;
- **Лоиҳаҳои иҷтимоӣ** – аксияҳои экологӣ, волонтёрӣ, иштирок дар ташаббусҳои ҷамъиятӣ;
- **Ҳамгироии арзишҳои фарҳангӣ** – ҷашнҳо, анъанаҳои миллӣ, маорифи этнофарҳангӣ;
- **Робита бо муассисаҳои беруна** – ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо, корхонаҳо ва бунёдҳои ҷамъиятӣ.

## *7. САТҲҲОИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ*

**1. Сатҳи инфиродӣ: равиши шахсӣ**

**Мисол:** Муассиса роҳҳои инфиродии таълимро ҷорӣ ва маводи таълимиро ба хусусиятҳои ҳар як хонанда мутобиқ менамояд. Масалан, баъзе хонандагон маводро зудтар азхуд мекунанд ва метавонанд рӯйи лоиҳаҳои мураккаб кор баранд, дар ҳоле ки дигарон дастгирии иловагӣ мегиранд.

**Татбиқи амалӣ:**

- Машваратҳои шахсӣ бо мураббиён;
- Дастрасӣ ба захираҳои рақамии таълимӣ барои омӯзиши мустақил.

**2. Сатҳи гурӯҳӣ: ҳамкорӣ ва кори дастаҷамъона**

**Мисол:** Хонандагон рӯйи як лоиҳаи байнифаннӣ кор мекунанд, ки ҳалли мушкилоти воқеӣ (масалан, ташкили ташаббуси экологӣ дар муассиса) мебошад. Онҳо тақсимоти нақшҳоро меомӯзанд, созиш меҷӯянд ва донишро дар амал татбиқ мекунанд.

**Татбиқи амалӣ:**

- Мунозираҳо, клубҳои баҳсӣ;
- Таҳқиқот ва лоиҳаҳои гурӯҳӣ.

**3. Сатҳи муассисавӣ:**

**Низоми идоракунии маориф.**

**Мисол:** Муассиса барномаи рақамисозии дафтарҳои электронии хонандагон, тахтаҳои интерактивӣ ва манобеи омӯзиши фосилавиро амалӣ мекунад. Ин василаҳо сифати таълимро баланд бардошта, онро барои ҳама дастрас мекунад.

**Татбиқи амалӣ:**

- Рушди зерсохтори рақамӣ;
- Ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълим.

**4. Сатҳи ҷомеа: ҳамкории муассиса бо ҷомеа**

**Мисол:** Муассисаи таълимӣ бо донишгоҳҳо ва бахши соҳибкорӣ ҳамкорӣ мекунад, то ба хонандагон имкон диҳад дар лоиҳаҳо, таҷрибаомӯзиҳо ва таҳқиқот иштирок намоянд. Масалан, хонандагон дар ҳамкорӣ бо муҳандисони ширкатҳои бузург ҳалли техникиро таҳия мекунанд.

**Татбиқи амалӣ:**

- Барномаҳои волонтёрӣ ва таҷрибаомӯзӣ;
- Ташаббусҳои муштараки таълимӣ бо ташкилотҳои маҳаллӣ.

**Хулоса:** ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки муҳити таълим дар сатҳҳои гуногун як низоми таълимии шахсиятнигар ва амалгарoро ташаккул медиҳад.

**Музокираи умумӣ:** Бо такя ба таҷрибаи чорабиниҳои муассисаи таълимиятон мисолҳое аз сатҳҳои гуногуни муҳити таълимро оред.

## *8. ВАЗИФАҲОИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ*

Муҳити таълим як қатор вазифаҳои калидиро иҷро мекунад, ки ба таълими босифат, рушди шахсӣ ва ташаккули малакаҳои иҷтимоии хонандагон мусоидат менамоянд.

**1. Вазифаи таълимӣ**

- Фароҳам овардани шароит барои азхуд кардани дониш, маҳорат ва малакаҳо;
- Ташаккули салоҳиятҳое, ки барои таҳсили минбаъда ва фаъолиятҳои касбӣ заруранд. **Мисол:** Ҷорӣ кардани усулҳои интерактивии таълимӣ, ба мисли таълими лоиҳавӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки донишҳои назариявиро дар амал татбиқ намоянд.

**2. Вазифаи рушди шахсият**

- Ангезиши рушди зеҳнӣ, эҷодӣ ва шахсии хонандагон;
- Ташаккули тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ва худидоракунӣ. Мисол: Истифодаи усули «Муколамаҳои фалсафӣ», ки дар он хонандагон саволҳои мураккабро таҳлил мекунанд ва гипотезаҳои худро месозанд, ки ин имкон медиҳад, тафаккури таҳлилӣ инкишоф ёбад.

**3. Вазифаи тарбиявӣ**

- Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ, мавқеи шаҳрвандӣ ва рафтори иҷтимоӣ;
- Рушди масъулияти шахсӣ ва фарҳанги муошират. Мисол: Муассиса лоиҳаҳои волонтёриро ташкил медиҳад, ки дар онҳо хонандагон дар аксияҳои хайриявӣ иштирок мекунанд ва ба ҷомеа кумак мерасонанд.

**4. Вазифаи муоширатӣ/алоқадорӣ**

- Таъмини муошырати муассир байни хонандагон, омӯзгорон, волидон ва ҷомеа;
- Рушди малакаҳои ҳамкорӣ, муколама ва кори дастаҷамъона. Мисол: Истифодаи усули мусоҳиба/баҳс, ки дар он хонандагон меомӯзанд ва фикри худро равшан, бо далел ва бо эҳтиром изҳор намоянд.

**5. Вазифаи мутобиқшавӣ (адаптатсионӣ)**

- Таҳкими эътимоднокии муҳити таълимӣ ва мутобиқшавии он ба тағйирот ва душвориҳои нав;
- Дастгирии фарогирӣ ва ба эътибор гирифтани хусусиятҳои инфиродии хонандагон. **Мисол:** Истифодаи роҳҳои инфиродии таълимӣ, ки ба ҳар як хонанда имкон медиҳанд, бо суръати худ омӯзанд ва усулҳои мувофиқи азхудкунии донишро интихоб кунанд.

**Хулоса:** Рушди ҳамоҳангшудаи ҳамаи ин вазифаҳо ба ташкили муҳити босифати таълимӣ, баланд бардоштани ангезаи хонандагон ва ташаккули роҳбарони оянда мусоидат мекунад.

**Кадом корҳоро муассиса метавонад бе хароҷоти молиявӣ анҷом диҳад?**

| **Амал** | **Чӣ медиҳад** |
|---|---|
| Гузаронидани суҳбати 15-дақиқаӣ бо омӯзгорон: «Чӣ кӯдаконро дар худбоварии онҳо дастгирӣ мекунад?» | Ҷалби таваҷҷуҳ ба муҳити таълим |
| Ташкили бойгонии аксҳо - «Мисолҳои муҳити дӯстона» | Тавсеаи дидгоҳҳо дар бораи таҷрибаи хуб |
| Ташкили лавҳа - «Андешаи ман барои муассиса» аз номи хонандагон | Ташаккули фарҳанги фикру мулоҳиза |
| Рубрикаро бо номи «Иқболи ҳафта» дар лавҳаи муассисаӣ оғоз намудан | Рушди муҳити суханронӣ ва ахлоқии муассиса |

**Муассиса метавонад бо «овоз»-ҳои гуногун ҳарф занад:** Тавассути деворҳо ва суханон, тавассути тахтаҳо ва дафтарҳо, тавассути он ки чӣ гуна истиқбол ва чӣ гуна хайрухуш мекунанд.

Директор бинокор нест, балки роҳбари созандаи муҳити таълимист. Ӯ метавонад муҳитро ҳамчун захира ё монеа бубинад ва суҳбатро дар бораи он ҳамчун абзори рушд оғоз намояд.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Муҳити таълим сифати таҳсилро муайян мекунад** — сохтор, унсурҳо ва сатҳҳои он бевосита ба ангеза, иштироки фаъол ва рушди салоҳиятҳои хонандагон таъсир мерасонанд.
2. **Муҳити самараноки таълим маҷмуи унсурҳоро фаро мегирад** — он муҳитҳои ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, иттилоотӣ ва равониро муттаҳид карда, як низоми ягонаи дастгирии хонандагону омӯзгоронро ба вуҷуд меорад.
3. **Вазифаҳои муҳити таълим тамоми самтҳои таълимро** аз мутобиқшавӣ ва ангезаи хонанда то дастгирии усулҳои инноватсионӣ ва рушди касбии омӯзгорон **фаро мегиранд**.
4. **Нақши директори муассиса дар идоракунии муҳити таълим** — ӯ на танҳо муҳити мавҷударо таҳлил ва ташхис мекунад, балки тағйиротеро тарҳрезӣ менамояд, ки ба рушди он мусоидат мекунанд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

### I. Мухтасар дар бораи мазмун

1. Кадом унсурҳои муҳити таълимро ман тавонистам дар муассисаи худ равшан муайян кунам? Кадоме ба таваҷҷуҳи иловагӣ ниёз доранд?
2. Дар кадом сатҳи муҳити таълим ман ҳамчун роҳбар метавонам бештар таъсир расонам?
3. Функсияҳои муҳит (масалан, ангезишӣ ё танзимкунанда) дар ҳаёти ҳаррӯзаи муассиса чӣ гуна зоҳир мегарданд?
4. Кадом вазифаҳои муҳит дар муассисаи ман ба таври кофӣ инъикос наёфтаанд? Ин ба сифати таҳсил чӣ гуна таъсир мерасонад?
5. Ман дар бораи робитаи байни муҳит ва натиҷаҳои таълим чӣ чизи навро дарк кардам?
6. Кадом қадамҳои амалиро метавонам барои беҳтар кардани яке аз сатҳҳои муҳити таълим иҷро намоям?
7. Кадом тағйиротро омодаам дар идоракунии муассиса барои ташкили муҳити мусоид оғоз намоям?
8. Масъулияти менеҷерии ман барои вазъияти муҳити таълим дар чӣ ифода меёбад?
9. Кадом монеаҳо ба рушди муҳит дар муассисаи ман халал мерасонанд ва чӣ гуна онҳоро бартараф кардан мумкин аст?
10. Баъд аз омӯзиши мавзуъ кадом тасаввур дар бораи «муҳити беҳтарин» дар ман ташаккул ёфт?

👉 **Шакли кор:** қайдҳои инфиродӣ + мубодилаи фикрҳо дар дунафараҳо

### II. Худбаҳогузории амалияи худ

1. **Ба муҳити таълимии худ баҳо диҳед:**
- Кадом унсурҳои муҳити таълимӣ дар муассисаи шумо бештар рушд ёфтаанд?

2. **Таҳлили самаранокии амалияи шумо:**
- Муҳити таълим чӣ гуна ба ангеза ва иштироки хонандагон таъсир мерасонад?

3. **Муайян кардани мушкилот ва минтақаҳои рушд:**
- Дар идоракунии муҳити таълим шумо бо кадом душвориҳои асосӣ рӯ ба рӯ мешавед?

4. **Нақшаи амал барои беҳтар кардани муҳити таълим:**

- Барои беҳсозии муҳит кадом қадамҳои мушаххасро метавон иҷро кард?
- Чӣ гуна метавон кормандони муассисаро ба равандҳои тағйирот ҷалб намуд?

👉 ***Шакли кор:*** *қайдҳои инфиродӣ + мубодилаи фикрҳо дар ҷуфтҳо*

### III. Гузариш ба амал

1. **Самтҳои афзалиятноки рушди муҳити таълимро муайян кунед**
   - ✓ Ҷанбаҳои асосиеро, ки ниёз ба такмил доранд, муайян намоед.
   - ✓ Бо омӯзгорон ва хонандагон барои ҷамъоварии пешниҳодҳо муҳокима гузаронед.
2. **Нақшаи тағйиротро таҳия намоед**
   - ✓ Ҳадафҳо ва муҳлати татбиқи такмилотро муайян кунед.
   - ✓ Стратегия ва усулҳоро барои ҷорӣ намудани равишҳои нав таҳия намоед.
3. **Беҳбудиҳои амалиро ворид кунед**
   - ✓ Барномаи таълимиро ба талаботи нав мутобиқ намоед.
   - ✓ Аз усулҳои интерактивӣ ва технологияҳои рақамӣ истифода баред.
4. **Самаранокии тағйиротро арзёбӣ кунед**
   - ✓ Муҳити таълимиро мунтазам ташхис намоед.
   - ✓ Натиҷаҳоро таҳлил намуда, стратегияи амалро мутобиқ кунед.

👉 ***Шакли кор****: қайдҳои инфиродӣ + мубодилаи фикрҳо дар ҷуфтҳо*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодии 2.2**

1. **Мутобиқ кардани мафҳум бо тавсиф:**

| № | Мафҳум | Тавсиф |
|---|---|---|
| 1 | **Муҳити физикӣ** | a. муҳити эҳсосӣ, бароҳатӣ ва дастгирии хонандагон |
| 2 | **Муҳити иҷтимоӣ** | b. захираҳои таълимӣ, технологияҳо ва усулҳои интиқоли дониш |
| 3 | **Муҳити иттилоотӣ** | c. муоширати хонандагон, омӯзгорон ва волидон, ки фарҳанги муоширатро ташаккул медиҳанд |
| 4 | **Муҳити равонӣ** | d. шароити муҳити муассиса, аз ҷумла, синфхонаҳо, ҷевону ашё ва таҷҳизот |

2. **Хатоиро ёбед:** Кадом изҳорот хатоӣ дорад?
   а) Муҳити таълим танҳо маводи таълимӣ ва барномаҳоро дар бар мегирад.
   б) Вазифаҳои муҳити таълим ба дастгирии ангеза ва иштироки хонандагон кумак мекунанд.
   в) Дар муҳити таълим ҳам шароити ҷисмонӣ ва ҳам равонӣ муҳимманд.

3. **Таърифро пурра кунед:** Муҳити таълим маҷмуи ________________, ________ ________________ ва ________________________________________, ки шароитро барои омӯзиш ва рушди хонандагон ташаккул медиҳад.

👉 **Ҷавоби дурустро интихоб кунед:**

1. **Ба мафҳуми «муҳити таълим» чӣ дохил мешавад?**
   A. Маҷмуи таҷҳизоти моддӣ-техникии муассиса.
   B. Маҷмуи рафтор ва услуби муошират омӯзгор ва хонандагон
   C. Маҷмуи фазои физикӣ, коммуникатсионӣ ва фарҳангӣ
   D. Маҷмуи мазмуни барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ

2. **Кадом амалия унсури муҳити дастгирикунанда нест?**
   A. Имкони хонандагон барои беҳтар кардани ороиши синфҳо
   B. Риояи қатъии дастурҳо бе муҳокима
   C. Муҳит барои фикру мулоҳиза
   D. Дастрасии озод ба маводи таълимӣ

3. **Муҳити «зинда»-и муассисаро чӣ тавсиф мекунад?**
   A. Хомӯшии пурра дар вақти танаффусҳо
   B. Иштирок надоштани хонандагон дар ороиши муассиса
   C. Имкони интихоб ва амал, нишонаҳои иштироки хонандагон
   D. Танҳо доштани тахтаи интерактивӣ дар ҳар синфхона

5. **Чаро муҳим аст, ки ҷузъи коммуникатсионӣ ба назар гирифта шавад?**
   A. Аз он вобаста аст, ки дарс чӣ қадар зуд мегузарад
   B. Он муайян мекунад, ки овози кӣ шунида мешавад ва муколама чӣ гуна сохта мешавад
   C. Он бо ҷадвали дарсӣ ва ҳаракат дар муассиса алоқаманд аст
   D. Бе он сатҳи бароҳатӣ ва амниятро арзёбӣ кардан мумкин нест

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАИ ТАЪЛИМ:**
1. Таҳлил карда тавонистани истифодаи муҳити таълим дар муассисаи таълимӣ
2. Роҳҳои беҳтар сохтани муҳити таълимии муассисаи таълимӣ

## МАШҒУЛИЯТИ МАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**1. Воситаҳои сода ва амалиро дида мебароем:**
**Варақаи назоратӣ: «МУҲИТИ МУАССИСА АЗ НАЗАРИ ХОНАНДА»**

Ин восита барои мушоҳида ё суҳбат бо хонандагон истифода мешавад. Метавон онро барои синну соли гуногун мутобиқ кард. Барои мушоҳида намудани он, ки муҳити муассиса то чӣ андоза ба рушди хонандагон мусоидат мекунад, кумак мекунад.

| Бандҳои асосӣ | Ҳа | Баъзан | Не |
|---|---|---|---|
| Ман ҷое дорам, ки нишаста оромона фикр кунам, агар дар дарс набошам. | | | |
| Ман метавонам ба омӯзгор савол диҳам, ҳатто агар он душвор бошад. | | | |
| Дар синфхона нишастан бароҳат аст, тахта намоён аст, омӯзгор шунида мешавад. | | | |
| Дар муассиса ҷое ҳаст, ки ман метавонам дар бораи идеяҳои худ нақл кунам. | | | |
| Дар лавҳаҳо маълумоте ҳаст, ки барои ман муфид аст. | | | |
| Омӯзгорон бо ман бо эҳтиром суҳбат мекунанд. | | | |
| Дар муассиса ҳатто берун аз дарсҳо вақт шавқовар мегузаранд. | | | |

**2. «Чӣ гуна директор метавонад баррасиро дар бораи муҳити муассиса оғоз кунад»**
Ин восита барои директор ҷиҳати оғоз кардани муҳокима бо омӯзгорон/роҳбарони синф истифода мешавад.

**Саволҳои ибтидоӣ:**
1. Агар шумо хонанда мебудед, чӣ чиз шуморо дар муассиса илҳом мебахшид?
2. Дар куҷои муассиса дида мешавад, ки ба хонандагон ғамхорӣ мекунанд?
3. Чӣ дар муҳити муассиса илҳом мебахшад, муколама ва андешаро ҳавасманд мекунад?
4. Кадом **тағйироти хурдро** мо метавонем бе хароҷот аз буҷет ворид кунем?
5. Кадом услуби муошират дар муассисаамон дастгирӣ мешавад? Мо онро дарк мекунем?

**Шакл:** Кори дунафарӣ/сенафарӣ. Ҷамъоварии идеяҳо ва қарорҳо.

**3. Одию вале самаранок**

Идеяҳо барои беҳтар кардани муҳити муассиса бо буҷети сифр. Интихоби 10 амали одӣ, ки муассиса метавонад оғоз кунад.

| Андеша | Чӣ медиҳад |
|---|---|
| Гӯшаи «Саволҳои бе ҷавоб» дар лавҳа | |
| Харитаи муассиса бо имзои хонандагон | |
| «Субҳи хуш» аз омӯзгор ҳангоми ворид шудан ба синф | |
| Лавҳаи «Ман метавонам...» (маҳорати хонандагон ва муваффақиятҳо) | |
| Мубодилаи масъалаҳои кушода дар вақти танаффус | |
| Суратҳо/расмҳои хонандагон дар деворҳо | |
| Диван, курсҳои нарм аз маводи дастрас | |
| «Сенарияи хурд» барои миннатдорӣ дар охири ҳафта | |
| Саволҳои ҳафта дар тахта | |
| Гӯшаи сабз дар синф (растаниҳо аз хонандагон) | |

# МАВЗУИ 2

## Моделҳои муҳити таълим ва татбиқи онҳо дар амалияи муассисаи таълимӣ

**Чиро донстан муҳим аст?**

- Муҳити таълим на танҳо бино ва захираҳо, балки фазои муошират, низоми арзишҳо ва дастгирии хонандагонро дар бар мегирад.
- Таснифи муҳит: ҷисмонӣ, равонӣ, рақамӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ.
- Моделҳои муҳити таълимӣ:
  - ✓ **Анъанавӣ** (ба интиқоли дониш равона шудааст),
  - ✓ **Рушдкунанда** (ба рушди шахсият диққат медиҳад),
  - ✓ Муносибати босалоҳият дар таълим (маҳорати амалӣ ва калидиро ташаккул медиҳад),
  - ✓ **Омехта** (интегратсияи усулҳо ва тарзҳо).
- Равишҳо ба арзёбии самаранокии муҳит: ҷалбшавӣ, ангеза, амният, рушди малакаҳо.

**Чиро бояд тавонем?**

- Муайян кардани ҳадафҳои ташаккул ё табдилёбии муҳит мутобиқ ба ҳадафҳои муассиса
- Ташкили гурӯҳи омӯзгорон ва роҳбарони тағйирот.
- Таҳияи нақшаи марҳилавии татбиқи модели интихобшуда.
- Татбиқи воситаҳои визуалӣ ва рақамӣ: Google Forms, Trello, Canva, Miro.
- Тағйирот тавассути анкетаҳо, мушоҳидаҳо, харитаҳои ташхисӣ мониторинг.
- Таҳлилҳои маълумоти гирифташуда барои ворид кардани ислоҳот.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Чӣ гуна модели интихобшудаи муҳитро бо барномаи таълимии муассисаи таълимӣ мутобиқ кардан мумкин аст?
- Кадом монеаҳо бештар ҳангоми татбиқи модели муҳит пайдо мешаванд ва чӣ гуна онҳоро бартараф кардан мумкин аст?
- Чӣ гуна муҳитро ба рушди хонандагон равона кардан мумкин аст, то ки он танҳо як расмият набошад?
- Кадом нишондиҳандаҳо нишон медиҳанд, ки муҳит воқеан, ба сифати таълим таъсир мерасонад?

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. **Моделҳои** асосии муҳити таълимро фаҳмед.
2. **Афзалиятҳо** ва маҳдудиятҳои ҳар як моделро дар амалияи муассиса дарк кунед.
3. **Бо** таҷрибаҳои муваффақи татбиқи моделҳои гуногун дар муассиса шинос шавед.
4. **Қобилияти таҳлили** муҳити таълими ҷории муассиса ва малакаи истифодаи унсурҳои моделҳои гуногуни таълимиро барои баланд бардоштани самаранокии омӯзиш рушд диҳед.
5. Ба мубодилаи касбӣ ва татбиқи усулҳои инноватсионӣ омода бошед.

## Муқаддима

Дар таҳсилоти муосир таъкид мешавад, ки омӯзиш на танҳо ба мазмун, балки ба муҳити татбиқи он низ вобастагӣ дорад. Муҳити таълим на танҳо деворҳои муассиса ё мавҷудияти компютерҳо дар синф мебошад. Ин як низоми мураккаб аст, ки муҳити ҷисмонӣ, технологияҳои рақамӣ, равонӣ, услуби муошират педагогӣ ва ҳатто фарҳанги муассисаро дар бар мегирад.

Имрӯз муҳит на танҳо бароҳатии хонандагонро таъмин мекунад, балки ба амиқии азхудкунии донишҳо, рушди малакаҳои асри 21 ва ҳатто хоҳиши ба муассиса рафтан таъсир мерасонад. Бо ин зарурати афзояндаи тарҳрезии огоҳонаи муҳити таълим, яъне моделҳои муҳити таълим алоқаманд аст. Ин моделҳо ба систематинокии равишҳо ва эҷоди шароите кумак мекунанд, ки дар он хонандагон на танҳо меомӯзанд, балки фаъолона рушд, ҳамкорӣ, таҳқиқ ва эҷод мекунанд.

Татбиқи моделҳои муҳити таълим дар амалияи муассисаӣ омезиши тафаккури стратегӣ ва дарки амиқи мазмунро талаб мекунад. Кадом моделро интихоб кардан лозим? Чӣ гуна омӯзгорон ва хонандагонро ҷалб кардан мумкин аст? Чӣ гуна фаҳмидан мумкин аст, ки муҳит воқеан тағйир ёфтааст? Ҷавобҳо ба ин саволҳоро мо дар доираи ин мавзуъ меҷӯем.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**1. Модели анъанавӣ.** Дар асоси интиқоли дониш тавассути сохтори қавӣ: омӯзгор раванди таълимро идора ва хонандагон дастурҳоро иҷро мекунанд. Таълими фронталӣ, суръати ягона, таваҷҷуҳ ба интизом ва назорат бартарӣ дорад. Барои муассисаҳое, ки ба устуворӣ, стандартҳои ягона ва итоаткорӣ диққат медиҳанд, мувофиқ аст.

**2. Модели ба ташаккули шахсият нигарондашуда.** Ба хусусиятҳои инфиродӣ, манфиатҳо ва суръати хонанда диққат дода мешавад. Муҳит ташаббус, интихоб, ангеза ва эҷоди шароити муваффақиятро дастгирӣ мекунад. Омӯзгор роҳнамо ва шарик аст. Ин модел ба рушди мустақилӣ, эътимод ба худ ва ангезаи дохилии хонанда кумак мекунад.

**3. Модели интерактивӣ ва лоиҳавӣ** Таълим дар асоси фаъолият ва ҳамкорӣ сохта мешавад: хонандагон дар гурӯҳҳо кор мекунанд, масъалаҳои амалиро ҳал ва дар лоиҳаҳо иштирок мекунанд. Муҳит эътимоднок аст, таҳқиқот, ҳамкорӣ ва рефлексияро ҳавасманд мекунад. Малакаҳои калидиро ташаккул медиҳад: эҷодкорӣ, тафаккури интиқодӣ, муошират ва ҳамкорӣ.

**4. Модели рақамӣ ва омехта.** Шаклҳои онлайн ва офлайнро муттаҳид мекунад: платформаҳои рақамӣ, роҳҳои эътимоднокӣ, дастрасӣ ба дониш дар ҳар вақт. Муҳит «васеъшуда» мешавад омӯзиш на танҳо дар синф, балки дар хона, боғ, онлайн имконпазир аст. Саводи рақамӣ, худтанзимкунӣ ва мутобиқшавӣ ба ҷаҳони муосирро инкишоф медиҳад.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

1. Фаҳмидани моделҳои асосии муҳити таълим.
2. Дарки афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои ҳар як модел дар амалияи муассиса.
3. Шиносоӣ бо таҷрибаҳои муваффақи татбиқи моделҳои гуногун дар муассисаҳои таълимӣ.
4. Қобилияти таҳлили муҳити таълимии ҷории муассиса ва малакаи истифодаи унсурҳои моделҳои гуногуни таълимӣ барои баланд бардоштани самаранокии омӯзиш.



### АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Шумо аллакай чӣ медонед?**
- Кадом моделҳои муҳити таълим ба шумо шиносанд?
- Муассисаи шумо бештар кадом моделро истифода мебарад?
- Ба фикри шумо, кадом омилҳо интихоби моделҳои таълимиро муайян мекунанд?

**2. Дуруст / Нодуруст**
- Модели ба рушди шахсият нигаронидашуда интизоми сахт ва мустақилияти камтарини хонандагонро дар назар дорад.
- Муҳити таълимии рақамӣ шаклҳои анъанавии таълимро истисно мекунад.
- Омӯзиши лоиҳавӣ ба рушди тафаккури интиқодӣ ва муоширaт мусоидат мекунад.

**3. Мафҳумҳоро мувофиқ кунед.**
Моделҳои муҳити таълимро бо хусусиятҳои калидии онҳо мувофиқ созед:

| **Мафҳум** | **Тавсиф** |
|---|---|
| 1. Анъанавӣ | c) Технологияҳои эътимоднок, шаклҳои онлайн |
| 2. Ба шахсият нигаронидашуда | d) Омӯзиши муштарак, кори гурӯҳӣ |
| 3. Интерактивӣ (фаъол) | a) Равиши инфиродӣ, дастгирии ташаббус |
| 4. Рақамӣ | b) Сохтори қавӣ, таълими фаннӣ, назорат |

**Ҷавобҳо:** 1 _____ , 2 ________ , 3 __________ , 4 ________.

**Саволҳо барои таҷрибаи директоронро фаъол кардан**

1. Дар муассисаи худ шумо кадом моделҳои муҳити таълимро истифода мебаред? Кадом мушкилот татбиқи онро ҳамроҳӣ мекунанд?
2. Кадом воситаҳо ва усулҳо ба мутобиқ кардани муҳити таълим ба ниёзҳои хонандагон кумак мекунанд?
3. Кадом унсурҳои моделҳои дигарро метавон ба амалияи таълимии ҷории худ барои баланд бардоштани самаранокӣ ворид кард?

**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилоотии 2.1-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи худбаҳодиҳии 2.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 2.1**

Муҳити таълимии муассиса нақши калидиро дар рушди хонандагон ва ташаккули малакаҳои онҳо мебозад. Модели он равишҳо ба таълим, ҳамкорӣ байни омӯзгорону хонандагон, инчунин, ташкили раванди таълимро муайян мекунад.

**Якчанд модели асосии муҳити таълим вуҷуд дорад:**

- **Анъанавӣ** – дар асоси таълими интизомӣ, қоидаҳои мустаҳкам ва иерархия.
- **Ба инкишофи шахсият нигаронидашуда** – ба равиши инфиродӣ, дастгирии ташаббус ва рушди мустақилияти хонандагон диққат зоҳир мекунад.
- **Интерактивӣ ва лоиҳавӣ** – дар асоси ҳамкории гурӯҳӣ, омӯзиши муштарак ва вазифаҳои амалӣ сохта шудааст.
- **Рақамӣ ва омехта** – технологияҳои инноватсионӣ, шаклҳои эътимоднокӣ таълимӣ ва захираҳои рақамиро муттаҳид мекунад.

## *1. МОДЕЛИ АНЪАНАВИИ МУҲИТИ ТАЪЛИМӢ: МАЗМУН ВА МОҲИЯТ*

Модели анъанавии муҳити таълимӣ дар асоси сохтори равшан, таълими интизомӣ ва қоидаҳои мустаҳкам сохта шудааст. Принсипи асосии он ташкили раванди таълим дар асоси назорати устувор, интиқоли дониш аз омӯзгор ба хонанда ва риояи мартабабандии (дараҷабандии мансабӣ) муқарраршударо таъмин мекунад.

**Хусусиятҳои асосии модели анъанавӣ:**

| **Мафҳумҳо** | **Хусусият** |
|---|---|
| **Сохтор** | Ташкили равшани раванди таълим, «зинабандӣ» (иерархия) байни омӯзгор ва хонанда. |
| **Сохторӣ мартабавӣ** | • Омӯзгор — манбаи асосии дониш буда, хонанда мавқеи ғайрифаъолро ишғол мекунад.<br>• Муошират байни омӯзгорон ва хонандагон дар асоси принсипи итоаткорӣ.<br>• Роҳбарияти маъмурии муассиса раванди таълимро ҷиддӣ назорат мекунад |
| **Усулҳои таълим** | Лексияҳо, азёдкунӣ, вазифаҳои хаттӣ, тестҳои санҷишӣ. |
| **Интизом** | • Таваҷҷуҳи асосӣ ба интиқоли дониш ва ташаккули малакаҳои академӣ равона шудааст. |
| | • Раванди таълим дар асоси риояи қатъии нақша ва барномаҳои таълимӣ. |
| | • Муваффақияти азхудкунии маълумот тавассути имтиҳонҳо, тестҳо ва корҳои назоратӣ баҳогузорӣ мешавад. |
| **Баҳодиҳии дониш** | Имтиҳонҳои стандартӣ, корҳои назоратӣ, низоми баҳогузорӣ. |
| **Эътимоднокӣ** | Мутобиқсозии минималӣ, риояи қатъии барномаи таълимӣ. |
| **Муошират** | Ҳамкории маҳдуд, таваҷҷуҳ ба интиқоли яктарафаи дониш. |

**Афзалият ва мушкилоти модели анъанавӣ**

**Афзалиятҳо:**

- ✓ Сохтори равшан ва ташкили раванди таълим
- ✓ Сатҳи баланди назорати азхудкунии мавод.

- ✓ Эътимоднокӣ дар таълими стандартӣ ва омодагӣ ба имтиҳонҳо.

**1. Истифода дар амалияи муассиса:** Модели анъанавӣ асоси бисёр низомҳои таълимиро ташкил медиҳад, махсусан, дар кишварҳое, ки анъанаҳои қавии академӣ доранд. Аммо муассисаҳои муосир мекӯшанд, онро навсозӣ кунанд, унсурҳои таълими интерактивӣ, технологияҳои рақамӣ ва усулҳои инфиродисозии раванди таълимро илова мекунанд.

**Камбудиҳои модели анъанавии таълим**

1. **Тағйирпазирии маҳдуд**
   - Риояи қатъии барномаи таълимӣ равиши инфиродиро душвор мегардонад.
   - Маводро мутобиқ кардан ба ниёзҳои хонандагони мушаххас душвор аст.
2. **Нақши ғайрифаъоли хонанда**
   - Хонандагон асосан донишҳоро қабул мекунанд, вале дар эҷоди онҳо фаъолона иштирок намекунанд.
   - Ба рушди тафаккури мустақил ва интиқодӣ диққати кофӣ дода намешавад.
3. **Ҳамкории заиф**
   - Ҳамкории маҳдуд байни хонандагон.
   - Кори гурӯҳӣ ва усулҳои интерактивӣ кам истифода мешаванд.
4. **Қафомонӣ аз тамоюлҳои муосир**
   - Усулҳои анъанавӣ на ҳамеша ба талаботи ҷомеа ва бозори меҳнати муосир мувофиқанд.
   - Интегратсияи нокифояи технологияҳои рақамӣ ва усулҳои инноватсионӣ.
5. **Мушкилоти эҳсосӣ ва ангезишӣ**
   - Қоидаҳои сахт метавонанд таваҷҷуҳи хонандагонро ба омӯзиш коҳиш диҳанд.
   - Раванди таълим ба натиҷаҳо, на ба рушди шахсият равона шудааст.
6. **Мушкилот барои омӯзгорон**
   - Вазифаҳои зиёди омӯзгорон ҳангоми зарурати назорати қатъӣ.
   - Имкониятҳои маҳдуд барои эҷодкорӣ ва ҷорӣ кардани усулҳои нав.

**Мисол:** Дар муассисаҳое, ки низоми анъанавии баҳогузорӣ доранд, муваффақияти хонанда бо қобилияти азёд кардани мавод ва дуруст ҷавоб додан ба имтиҳонҳо арзёбӣ карда мешавад. Аммо дар ҳаёти муосир малакаҳои ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ, қобилияти гуфтушунид ва кор дар даста қадр карда мешаванд, ки ин усулҳои дигари таълимро талаб мекунад.

**2. Низоми баҳогузории ҷиддӣ.** Низоми стандартии баҳогузорӣ метавонад хонандагонро демотиватсия кунад ва қобилиятҳои инфиродии онҳоро ба назар нагирад.

- Баъзе хонандагон назарияро хубро азёд мекунанд, аммо дар амалия душворӣ мекашанд.
- Дигарон метавонанд боистеъдод бошанд, аммо ба стандартҳои анъанавии тестҳо мувофиқат накунанд.

**Мисол:** Омӯзгори математика ба хонандагон масъалае медиҳад, ки равиши ғайристандартиро талаб мекунад. Дар низоми анъанавӣ хонандае, ки масъалаи мазкурро бо усули ғайристандартӣ ҳал мекунад, метавонад баҳои паст гирад, зеро ҷавоби ӯ ба алгоритми интизоршуда мувофиқат намекунад.

**3. Мутобиқшавии нокифоя ба тамоюлҳои муосири таълимӣ.** Усулҳои анъанавӣ на ҳамеша технологияҳои нав ва равишҳои муосири таълимро ба назар мегиранд.

- Истифодаи маҳдуди воситаҳои рақамӣ ва платформаҳои интерактивӣ.
- Норасоии эътимоднокӣ дар равишҳои таълимӣ.

**Мисол:** Дар муассиса бо модели анъанавӣ ба хонандагон истифодаи воситаҳои рақамӣ дар дарсҳо манъ карда шудааст. Дар муассисаҳои муосири таълимӣ дастгоҳҳо барои ҷустуҷӯйи маълумот, тестҳои онлайнӣ ва вазифаҳои инфиродӣ фаъолона истифода мешаванд.

**4. Тамаркузи минималӣ ба ниёзҳои инфиродии хонандагон.** Ҳама хонандагон гуногунанд, аммо низоми анъанавӣ ба неруву қобилият ва заъфҳои онҳо камтар диққат медиҳад.

- Равиши инфиродӣ ба таълим вуҷуд надорад.
- Усулҳои якхелаи таълим барои ҳамаи хонандагон истифода мешаванд.

**Мисол:** Дар синф омӯзгор маводро бо як усул мефаҳмонад, бе назардошти он, ки ба баъзе хонандагон фаҳмидани маълумот тавассути нақшаҳои визуалӣ осонтар аст, ба дигарон тавассути мисолҳои амалӣ. Дар натиҷа, қисми хонандагон мавзуъро намефаҳманд.

Ҳарчанд модели анъанавӣ устуворӣ ва ташкили раванди таълимро таъмин мекунад, камбудиҳои он зарурати навсозиро тақозо мекунад. Илова кардани усулҳои интерактивӣ, технологияҳо ва равиши инфиродӣ ба таълим кумак мекунад, ки омӯзиш самараноктар ва ангезишноктар гардад.

## *2. МОДЕЛИ ТАЪЛИМИ БА ИНКИШОФИ ШАХСИЯТ НИГАРОНИДАШУДА: МАЗМУН ВА МОҲИЯТ*

Модели ба инкишофи шахсият нигаронидашуда муҳити таълимиест, ки ба рушди хусусиятҳои инфиродии хонандагон, дастгирии ташаббусҳои онҳо ва эҷоди шароити бароҳат барои худшиносӣ равона шудааст. Принсипи асосии ин модел — эътирофи беназири ҳар як хонанда ва мутобиқ кардани раванди таълим ба ниёзҳо ва манфиатҳои ӯ мебошад.

**Хусусиятҳои асосии модели ба рушди шахсият нигаронидашуда**

| **Категория** | **Хусусият** |
|---|---|
| **Фардикунонӣ** | Ба назар гирифтани хусусиятҳои ҳар як хонанда, мутобиқ кардани маводи таълимӣ ва суръати омӯзиш. |
| **Мустақилият** | Ташвиқи ташаббус, дастгирии қабули мустақили қарорҳо ва интихоби масири таълимӣ. |
| **Дастгирии эҳсосӣ** | Эҷоди муҳити бароҳат, рушди муносибатҳои эътимоднок байни омӯзгор ва хонанда. |
| **Эътимоднокии таълим** | Имконияти интихоби усулҳо, шаклҳо ва роҳҳои азхудкунии мавод. |
| **Рушди салоҳиятҳои асосӣ** | Ташаккули тафаккури интиқодӣ, муошират, эҷодкорӣ ва ҳамкорӣ. |
| **Баҳодиҳии пешрафт** | Усулҳои алтернативии баҳогузорӣ, ки ба рушди шахсӣ равона шудаанд, на ба натиҷаҳои академӣ. |
| **Нақши омӯзгор** | Роҳнамо, модератори раванди таълим, ки хонандагонро дар рушди қобилиятҳо дастгирӣ мекунад. |
| **Самтгирии амалӣ** | Омӯзиш тавассути вазифаҳои воқеӣ, фаъолияти лоиҳавӣ, кори таҳқиқотӣ. |

**Афзалияти модел**

- ✓ Баланд бардоштани ангезаи хонандагон тавассути ба назар гирифтани манфиатҳои онҳо.
- ✓ Рушди мустақилият ва масъулият барои омӯзиш.
- ✓ Беҳтар кардани бароҳатӣ ва кам кардани фишори равонӣ.
- ✓ Омодагӣ ба ҳаёти воқеӣ, рушди малакаҳое, ки дар ҷомеаи муосир талабот доранд.

**Мушкилот ҳангоми татбиқ**

- ✓ Талаботи баланди тахассусии омӯзгорон ва малакаҳои мутобиқ кардани раванди таълим.
- ✓ Гурӯҳҳои калони хонандагон.
- ✓ На ҳамеша ба талаботи стандартии барномаҳои таълимӣ мувофиқ аст.
- ✓ Ин модел дар муассисаҳое, ки ба усулҳои муосири таълим ва рушди шахсияти хонандагон равона шудаанд, фаъолона истифода мешавад.

**Усулҳои модели ба инкишофи шахсият нигаронидашудаи муҳити таълим.**

Ин модел истифодаи равишҳои чандир ва инфиродисозишударо ба таълим дар назар дорад. Ин ҷо чанд усули калидӣ оварда шудаанд:

1. **Омӯзиши тафриқавӣ**
   - Мутобиқ кардани маводи таълимӣ ба сатҳи омодагии ҳар як хонанда.
   - Истифодаи шаклҳои гуногуни вазифаҳо (амалия, таҳқиқот, вазифаҳои эҷодӣ).

   **Мисол:** Дар синфи математика хонандагон масъалаҳои сатҳҳои гуногуни душвориро бо назардошти сатҳи омодагии онҳо ҳал мекунанд.
2. **Хусусияти таълими инфиродидошта**
   - Додани имконияти интихоби суръат ва мазмуни таълим ба хонандагон.
   - Таҳияи нақшаҳои инфиродии таълимӣ.

   **Мисол:** Хонанда метавонад вазифаи лоиҳавиро дар мавзуе, ки ба ӯ шавқовар аст, ба ҷои тестҳои стандартӣ интихоб кунад.
3. **Усули роҳнамоӣ**
   - Омӯзгор нақши роҳнаморо мебозад, на назоратчии ҷиддиро.
   - Тамаркуз ба дастгирӣ, рушди мустақилият ва ташаббус.

   **Мисол:** Омӯзгор ба хонанда озодӣ медиҳад, ки равишҳои ҳалли вазифаҳои таълимиро интихоб кунад ва бо маслиҳатҳо кумак мекунад.
4. **Омӯзиши лоиҳавӣ**
   - Хонандагон лоиҳаҳои воқеиро эҷод мекунанд, ки мушкилоти мушаххасро ҳал месозанд.
   - Омӯзиш тавассути фаъолияти амалӣ ва кори дастaвӣ.

   **Мисол:** Синф ташаббуси экологиро барои муассиса таҳия мекунад, ки бо донишҳои фаннӣ муттаҳид карда мешаванд.
5. **Рефлексия ва худбаҳодиҳӣ**
   - Таҳлили пешрафти худ, ташаккули худшиносӣ.
   - Истифодаи дафтарҳои дастовардҳо, ҷадвалҳои худбаҳодиҳӣ. **Мисол:** Дар охири дарс хонандагон муваффақиятҳои худро баҳогузорӣ мекунанд ва ҳадафҳоро барои оянда мегузоранд.

**Роҳҳои татбиқ**

- Ҷорӣ кардани меъёрҳои тағйирпазири баҳогузорӣ (портфолио, худбаҳодиҳӣ, руйнамоҳо).
- Таҳияи вазифаҳои эҷодӣ бо назардошти манфиатҳои хонандагон.
- Истифодаи воситаҳои рақамӣ барои таълими инфиродӣ (курсҳои онлайнӣ, платформаҳои интерактивӣ).

**Мисолҳои амалӣ**

1. **Муассисаи финӣ Kirkkojärvi School (Эспоо, Финландия) Амалӣ:** Масирҳои инфиродии таълимӣ
   - Ҳар як хонанда нақшаи таълимии худро таҳия, лоиҳаҳо ва суръати таълимро интихоб мекунад.
   - Дарсҳо дар муҳити кушод мегузаранд, ки дар он хонандагон дар гурӯҳҳо ё ба таври инфиродӣ кор мекунанд.
   - Баҳогузорӣ дар асоси худтаҳлил ва фикру мулоҳизаҳои роҳнамоён сурат мегирад.

2. **Муассисаи №1329 (Москва, Русия) Амалӣ:** Омӯзиши лоиҳавӣ ва роҳнамоӣ
   - Хонандагон дар лоиҳаҳои байнифаннӣ иштирок мекунанд, ки мушкилоти воқеиро ҳал менамоянд.
   - Дар соли 2023 курси «Шаҳри оянда» оғоз шуд, ки дар он хонандагон консепсияҳои шаҳрҳои устуворро таҳия карданд.
   - Омӯзгорон ҳамчун модераторҳо баромад мекунанд, ки идеяҳои эҷодии хонандагонро дастгирӣ мекунанд.

## *3. МУҲИТИ ТАЪЛИМИИ ИНТЕРАКТИВӢ ВА ЛОИҲАВӢ*

Модели интерактивӣ ва лоиҳавии муҳити таълимӣ дар асоси принсипҳои ҳамкорӣ, омӯзиши фаъол ва ҷалби хонандагон ба раванди таълим сохта шудааст. Он ба рушди малакаҳои калидӣ равона шудааст: тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ (салоҳиятҳо калидӣ). Дар ин модел хонандагон иштирокчиёни фаъол дар раванди таълим буда, вазифаҳои таълимӣ ба мушкилоти воқеӣ наздик карда мешаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба истифодаи амалӣ аз дониш тавассути таҳқиқот, кори лоиҳавӣ ва муҳокимаҳои муштарак равона шудааст.

**Хусусиятҳои асосӣ**

| **Категория** | **Хусусият** |
|---|---|
| **Шакли таълим** | Вазифаҳои даставӣ, фаъолияти лоиҳавӣ, кори амалӣ. |
| **Нақши омӯзгор** | Фасилитатор, роҳнамо, модератори раванди таълим. |
| **Усулҳои таълим** | Супориш, муҳокимаҳо, моделсозии вазъиятҳои воқеӣ, усулҳои бозӣ. |
| **Баҳогузорӣ** | Баҳогузорӣ дар асоси раванд, на танҳо натиҷа, ҳимояи лоиҳаҳо. |
| **Иштироки хонандагон** | Мустақилияти баланд, ҳамкории фаъол байни хонандагон. |
| **Эътимоднокӣ** | Мутобиқ кардани вазифаҳо ба манфиатҳои воқеӣ ва вазъиятҳои зиндагӣ. |
| **Воситаҳо** | Платформаҳои рақамӣ, захираҳои мултимедӣ, тахтаҳои онлайнӣ. |

**Усулҳо ва мисолҳои амалӣ**

1. **Усули омӯзиши мушкилот**
   **Мисол:** Дар дарси география хонандагон мушкили воқеӣ — камбудии об дар минтақаро таҳқиқ мекунанд.
   - Маълумоти омориро таҳлил ва роҳҳои ҳалли онро пешниҳод мекунанд.
   - Натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли руйнамо пешниҳод мекунанд.
   - Роҳҳои ҳалли мушкилотро бо коршиносон баррасӣ мекунанд.

2. **Усули кейс-стади**
   **Мисол:** Дар дарси иқтисод хонандагон вазъияти ширкатеро, ки бо буҳрон рӯ ба рӯ шудааст, баррасӣ мекунанд.
   - Маълумот дар бораи вазъиятро таҳлил мекунанд.
   - Стратегияи баромадан аз буҳронро пешниҳод мекунанд.
   - Қарорҳорои ба Шурои директорон (нақшро омӯзгорон ва мутахассисони даъватшуда мебозанд) асоснок мекунанд.

3. **Усулҳои бозӣ**
   **Мисол:** Дар дарси таърих хонандагон бозии нақшофарӣ мегузаронанд, ки музокирот байни кишварҳоро дар давоми низои байналмилалӣ модел мекунад.
   - Мавқеи ҷонибҳои гуногунро ташаккул медиҳанд.
   - Дар бораи шартҳои созишномаи сулҳ музокира мекунанд.
   - Натиҷаҳои раванди музокиротро таҳлил мекунанд.

4. **Омӯзиши лоиҳавӣ**
   **Мисол:** Дар синфҳои болоӣ лоиҳаи «Муассисаи экологӣ» оғоз мешавад.
   - Хонандагон нақшаи сабз кардани ҳудудро таҳия ва онро амалӣ мекунанд.
   - Дар назди волидон ва коршиносон ҳисобот дар бораи кори анҷомдодашударо пешниҳод мекунанд.

**Мисолҳои воқеии татбиқ**

1. **Муассисаи байналмилалии UWC (Сингапур) Амалӣ:** Лоиҳаҳои интегратсионӣ
   - Хонандагон ташаббусҳои байналмилалиро, ки ба мушкилоти глобалӣ алоқаманданд, таҳия мекунанд.
   - Дар соли 2023 хонандагон маъракаи иҷтимоиро барои дастгирии гурезаҳо эҷод карданд.
2. **Муассисаи №57 (Москва, Русия) Амалӣ:** Равиши лоиҳавӣ дар математика
   - Хонандагон мушкилоти воқеиро ҳал мекунанд: таҳлили амалиёти молиявӣ, пешгӯии бозор.
   - Системаи таълими эҷодӣ ҷорӣ карда шудааст, ки дар он хонандагон худ гипотезаҳо таҳия ва онҳоро исбот мекунанд.

**Камбудиҳои асосӣ**

1. **Талаботи баланди омӯзгорон**
   - Омӯзгорон бояд малакаҳои эътимодноки педагогӣ дошта бошанд, ки кори лоиҳавӣ ва интерактивиро ташкил кунанд.
   - Барои омодагӣ ба дарсҳо ва мутобиқ кардани вазифаҳо вақти бештар лозим аст. **Мисол:** Ҷорӣ кардани омӯзиши лоиҳавӣ аз омӯзгорони муассисаи №57 (Москва) бознигарии нақшаи таълимӣ ва таҳияи маводи нави методиро талаб кард, ки чанд моҳро дар бар гирифт.
2. **Мушкилоти баҳогузорӣ**
   - Дар модели анъанавӣ баҳогузорӣ дар асоси тестҳо ва имтиҳонҳо сурат мегирад, аммо дар ин ҷо муҳим аст, ки раванд танҳо натиҷа ба назар гирифта нашавад.
   - Ба омӯзгорон арзёбӣ кардани муваффақияти хонанда душвор аст. **Мисол:** Дар курси лоиҳавии «Шаҳри оянда» хонандагон консепсияҳои шаҳриро эҷод карданд, аммо барои баҳогузории объективӣ меъёрҳои нав таҳия кардан лозим шуд — сатҳи ҷалбшавӣ, эҷодкории қарорҳо, кори даставӣ.
3. **Мушкилоти эҳтимолӣ дар ташкил**
   - Захираҳо барои кори даставӣ, дастгирии технологӣ, дастрасӣ ба воситаҳои рақамӣ лозиманд.
   - Кори гурӯҳӣ метавонад вазифаҳоро ба таври нобаробар эҷод кунад: иштирокчиёни фаъол қисми зиёди масъулиятро ба дӯш мегиранд, дар ҳоле ки иштирокчиёни камфаъол таҷрибаи минималӣ мегиранд.

**Мисол:** Дар муассисаи сингапурии UWC, ки лоиҳаҳои глобалӣ ҷорӣ карда мешавад, роҳбарият бо мушкилот рӯ ба рӯ шуд: на ҳамаи хонандагон ба таври баробар фаъолона иштирок карданд, бинобар ин, ҳисоботи инфиродиро дар бораи саҳми ҳар як иштирокчӣ ҷорӣ кардан лозим омад.

**Чӣ тавр ин камбудиҳоро бартараф кардан мумкин аст?**

- ✓ Омодагии омӯзгорон: барномаҳои баланд бардоштани тахассус, курсҳо оид ба усулҳои интерактивӣ.
- ✓ Меъёрҳои равшани баҳогузорӣ, мутобиқ кардани стандартҳо ба фаъолияти лоиҳавӣ.
- ✓ Мутобиқсозии байни донишҳои фаннии классикӣ ва усулҳои интерактивӣ.
- ✓ Назорат аз болои ҷалбшавии хонандагон, машваратҳои инфиродӣ.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Муҳити таълим сифати таълим ва самаранокии онро муайян мекунад.** Ҳар як модел (анъанавӣ, ба шахсият нигаронидашуда, интерактивӣ, рақамӣ) ба ангезаи хонандагон, малакаҳо ва сатҳи омодагии онҳо таъсир мерасонад.
2. **Эътимоднокӣ ва мутобиқсозии моделҳо ба беҳтар кардани амалияи муассисаӣ мусоидат мекунанд.** Равишҳои муосири таълимӣ талаб мекунанд, ки усулҳои классикӣ ва инноватсионӣ тавъам шаванд, то ба талаботи асри XXI мувофиқат кунанд.
3. **Технологияҳои рақамӣ ва усулҳои интерактивӣ раванди таълимро тақвият медиҳанд.** Истифодаи платформаҳои рақамӣ, омӯзиши лоиҳавӣ ва масирҳои инфиродӣ таълимро дастрас ва самаранoктар мегардонад.
4. **Омили калидии татбиқи муваффақ — омодагии омӯзгорон мебошад.** Самаранокии моделҳои таълимӣ аз тахассуси омӯзгорон, омодагии онҳо ба усулҳои нав ва қобилияти кор дар муҳити муътамад вобаста аст.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Барои дарки инфиродӣ:**

- Чӣ тавр ман акнун мафҳуми «муҳити таълим»-ро мефаҳмам? Дар дарки ман чӣ тағйир ёфт?
- Кадом модели муҳити таълим ба амалияи ман наздиктар аст? Чаро?
- Кадом унсурҳои муҳити муассисаи ман дар навбати аввал ба тағйирот ниёз доранд?
- Аз маводи омӯхташуда ман чӣ чизро аллакай истифода мебарам (ба таври огоҳона ё ноогоҳона)?
- Кадом душвориҳоро ман ҳангоми ҷорӣ кардани модели нав дар муассисаам пешбинӣ мекунам?

**II. Барои рефлексияи даставӣ:**

- Дар асоси таҳлили муҳити муассисаи мо кадом тасвири муассиса ташаккул меёбад?
- То чӣ андоза муҳити мо ба рушди салоҳиятҳои калидӣ мусоидат мекунад?
- То чӣ андоза ҷузъҳои физикӣ, рақамӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии муҳити мо бо ҳам мувофиқанд?
- Дар муҳити таълимии мо чӣ чиз ангезаи хонандагонро дастгирӣ мекунад? Ва чӣ чиз онро маҳдуд?

**III. Гузариш ба амал**

**Модели афзалиятнокро муайян кунед** – интихоб кунед, ки кадом муҳити таълим барои муассисаи мушаххас беҳтар мувофиқ аст.

1. **Стратегияи татбиқро таҳия кунед** – нақшаи қадам ба қадам эҷод кунед, ки омӯзиши омӯзгорон ва мутобиқ кардани барномаҳои таълимиро дар бар мегирад.
2. **Лоиҳаи озмоиширо оғоз кунед** – модели интихобшударо дар гурӯҳи хурди хонандагон санҷед.

👉 ***Шакли кор:*** *қайдҳои инфиродӣ + мубодилаи дунафарӣ*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодии 2.2**

**I. Интихоби ҷавоби дуруст**

1. **Кадом принсип дар асоси модели анъанавии таълим қарор дорад?**
   a) Интихоби мустақили мавзуъҳо ва усулҳои таълим аз ҷониби хонандагон.
   b) Тартиботи сахт ва таълими сохторӣ.
   c) Интегратсияи пурраи технологияҳои рақамӣ.

2. **Чӣ хусусияти модели ба шахсият нигаронидашударо тавсиф мекунад**?
   a) Истифодаи танҳо усулҳои рақамӣ.
   b) Барномаи ягона бе ба назар гирифтани ниёзҳои инфиродӣ.
   c) Равиши инфиродӣ ба хонандагон ва рушди ташаббуси онҳо.

3. **Кадом модел ба истифодаи амалӣ аз дониш тавассути лоиҳаҳои гурӯҳӣ диққат медиҳад?**
   а) Ба шахсият мутобиқшуда.
   б) Интерактивӣ ва лоиҳавӣ
   c) Анъанавӣ.

**II. Мутобиқсозӣ**

Моделҳои муҳити таълимиро бо хусусиятҳои калидии онҳо мутобиқ кунед:

| Модел | Хусусият |
|---|---|
| 1. Анъанавӣ | A. Кори дастаӣ, усулҳои фаъоли таълим |
| 2. Ба шахсият мутобиқшуда | B. Истифодаи курсҳои онлайнӣ, технологияҳо, лабораторияҳои виртуалӣ. |
| 3. Интерактивӣ ва лоиҳавӣ | C. Сохтори равшан, нуфузи омӯзгор, қоидаҳои ҷиддӣ. |
| 4. Рақамӣ ва омехта | D. Мустақилият, суръати эътимоднокӣ, рушди ташаббус. |

**III. Саволҳои навъи кушода**

1. Афзалият ва камбудиҳои муҳити анъанавии таълим аз чӣ иборатанд?
2. Кадом технологияҳои рақамиро дар раванди таълим истифода бурдан мумкин аст?
3. Чӣ тавр омӯзиши лоиҳавӣ ба рушди малакаҳои асри XXI кумак мекунад?

# МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Қобилияти қабули қарорҳои дуруст барои ҳолатҳои гуногуни татбиқи модулҳои муҳити таълим.
2. Қобилияти таҳлили муҳити таълимии ҷории муассиса ва малакаи истифодаи унсурҳои моделҳои гуногуни таълимӣ барои баланд бардоштани самаранокии таълим.

## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Машғулияти амалии 1.**
**1. Сенарияҳои амалӣ барои татбиқ**

**Сенарияи 1: «Синфи махсус бо истифодаи воситаҳои рақамӣ ҷиҳозонидашуда»**
**Мақсад:** Оптимизатсияи вақт дар дарс барои кори амалӣ.
**Чӣ тавр татбиқ кардан:**

**Сенарияи 2: «Омӯзиши лоиҳавӣ дар муҳити рақамӣ»**
**Мақсад:** Рушди малакаҳои амалӣ ва кори дастаӣ.
**Чӣ тавр татбиқ кардан:**

**2. Кейсҳои мушаххас ва сенарияҳои амалӣ барои модели ба рушди шахсият мутобиқшуда**

**Кейси 1: Роҳҳои инфиродии таълимӣ. Вазъият:** Дар синф хонандагон бо сатҳҳои гуногуни омодагӣ аз фанни математика ҳастанд: як хонанда барномаи таълимиро пеш мебарад, дигаре душворӣ мекашад. **Ҳал:**
1.
2.
**Натиҷа:** ______________________________________________

**Кейси 2: Усули роҳнамоӣ дар раванди таълим. Вазъият:** Хонанда ба илмҳои табиӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, аммо дар муассиса факултативҳои махсус вуҷуд надоранд. **Ҳал:**
1.
2.
**Натиҷа:** ______________________________________________

**Кейси 3: Омӯзиш тавассути лоиҳаҳо ва вазифаҳои воқеӣ. Вазъият:** Синф экологияро меомӯзад, аммо хонандагон таваҷҷуҳи фаъол зоҳир намекунанд. **Ҳал:**
1.
2.
3.
**Натиҷа:** ______________________________________________

**Хулосаҳои амалӣ.** 4 хулосаи амалӣ нависед:
1. Тағйирпазирии моделҳо имкон медиҳад, ки ________________________
2. Технологияҳои рақамӣ раванди таълимро тақвият медиҳанд____________
3. Омӯзиши амалӣ малакаҳои калидиро инкишоф медиҳад ______________
4. Ҷорӣ кардани муваффақият аз тахассуси омӯзгорон вобаста аст __________

# МАВЗУИ 3

## Иртиботи муҳити таълим бо ҳавасмандкунӣ ва ташаккули салоҳиятҳои калидӣ

**Чиро донстан муҳим аст?**

- Муҳити таълимӣ, ҷузъҳои физикӣ, рақамӣ, эмотсионалӣ ва ташкилотӣ;
- Таъсири муҳит ба ташаккули ангезиши дохилӣ, ангезаи эҳсосотӣ ва фаъолиятҳои таълимӣ;
- Салоҳиятҳои калидӣ дар муҳити эътимоднок, фаъол ва дастгиркунанда инкишоф меёбанд.

**Чиро бояд тавонем?**

- Муҳитро аз мавқеи донишмеҳварӣ ба муҳити кӯдакмеҳварӣ дигаргун намудан;
- Эҷод кардани супоришҳо ва шаклҳое, ки салоҳиятҳои калидиро рушд медиҳанд (лоиҳаҳо, мунозираҳо, фасилитатсияҳо);
- Истифодаи воситаҳои ташхисӣ барои арзёбии ангеза, муҳит ва рушди салоҳиятҳо;
- Мутобиқсозии доимии муҳит ба ҳадафҳои таълимӣ ва ниёзҳои хонандагон.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Кадом унсурҳои муҳит ангезиши таълимиро тақвият ё коҳиш медиҳанд?
- Чӣ гуна бояд фазо ва равандҳоро ташкил кард, то хонандагон фаъол ва иштирокчӣ бошанд?
- Робитаи байни супоришҳо, шакли ҳамкорӣ ва рушди салоҳиятҳои калидӣ дар чист?
- Чӣ гуна метавон муҳитро ба мақсадҳои таълим ва ниёзҳои хонандагон дар ангеза ва натиҷаҳои рушди салоҳиятҳо дигаргун сохт?

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Таъсири муҳити таълимӣ ба ангеза ва ҳавасмамандии хонандагонро **фаҳмед**.
2. Мутобиқсозии методикаҳои омӯзиши фаъол бо мақсади афзоиши таваҷҷуҳ ба таҳсилро **фаҳмед.**
3. Ҳамгироии тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муоширaт ва ҳамкорӣ ба раванди таълимро **дарк намоед**.
4. Таҳияи моделҳои самарабахши муҳити таълимӣ ва стратегияҳои татбиқи онҳоро **амалӣ намоед**.

## Муқаддима

Муассисаи таълимии муосир ҳарчи бештар на танҳо ҳамчун макони интиқоли дониш, балки ба сифати як экосистема ба назар гирифта мешавад, ки дар он шахсият ташаккул ёфта, захираҳои дохилӣ кушода мешаванд ва салоҳиятҳои калидии асри XXI инкишоф меёбанд. Дар ин замина, муҳити таълим дигар танҳо замина нест, балки иштирокчии фаъол дар раванди педагогӣ мебошад. Сохтор, муҳит ва имконоти он бевосита ба ангезиши хонандагон, иштироки эҳсосии онҳо дар омӯзиш ва қобилияти ҳамкорӣ, ташаккули қобилияти эҷодӣ ва тафаккури интиқодӣ таъсир мерасонанд.

Фаҳмидани робитаи байни хусусиятҳои муҳит ва ташаккули салоҳиятҳои калидӣ тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ имконоти навро барои тарҳрезии муҳитҳои таълимии фаъол, динамикӣ ва рушддиҳанда мекушояд. Ҳадафи мавзуи мазкур таҳлили он аст, ки чӣ гуна муҳити таълим метавонад ангезиши таълимиро барангезад, хонандагонро ба донишандӯзии фаъол ҷалб намояд ва ба катализатори рушди шахсӣ ва касбӣ табдил ёбад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

1. **Ангезиши таълимӣ** — таҳрикҳои дохилӣ ва беруна, ки донишомӯзро ба омӯзиш, азхуд намудани дониш ва расидан ба ҳадафҳо водор месозанд.

2. **Фарогирӣ** — дараҷаи фаъолият, таваҷҷуҳ ва иштироки эҳсосии хонанда дар раванди таълим.

3. **Салоҳиятҳои калидӣ** — малакаҳои асосии асри XXI: тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ.

4. **Тафаккури интиқодӣ** — қобилият барои таҳлили иттилоот, пешниҳоди далелҳо ва қабули қарорҳои асоснок.

5. **Эҷодкорӣ** — малакаи пешниҳод намудани ғояҳои нав ва ҳалли ғайримуқаррарии масъалаҳо дар вазъиятҳои нав.

6. **Муошират** — қобилияти равшан ва самаранок иброз кардани фикр ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ, инчунин, фаҳмидани дигарон.

7. **Ҳамкорӣ (кооператсия)** — малакаи кори гурӯҳӣ, расидан ба ҳадафҳои муштарак тавассути тақсими нақшҳо ва ҳамоҳангсозии амалҳо.

8. **Ташхиси муҳити таълим** — равандест барои муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи муҳити таълим бо истифода аз воситаҳои гуногун.

9. **Омӯзиши ҳамкорона (коллаборативӣ)** — шакли ҳамкорӣ, ки дар он хонандагон муштаракан масъалаҳоро ҳал намуда, аз якдигар меомӯзанд.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Сохтор ва вазифаҳои муҳити таълимиро фаҳмидан.
2. Робитаи байни муҳит, ҳавасмандӣ ва ҳамроҳшавии (амалиёт)-и хонандагонро шарҳ додан.
3. Принсипҳои ташаккули салоҳиятҳои калидиро дар муҳити таълим тавсиф кардан.



**АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ**
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

### Супоришҳо барои санҷиши донишҳои ибтидоӣ

- Кадом омилҳо ба ҳавасмандкунии хонандагон таъсир мерасонанд?
- Чӣ гуна муҳити таълим метавонад ҷалби хонандагонро тақвият диҳад?

**Дуруст/Нодуруст:**

- Муҳити физикии таълимӣ ба ангезиши хонандагон таъсир намерасонад. ______
- Усулҳои интерактивии таълим ба рушди салоҳиятҳои калидӣ мусоидат мекунанд. ______ ______
- Иштироки хонандагон дар таҳияи раванди таълим ба ҷалби онҳо таъсир надорад. ______

**1. Кадом унсур бештар ба ташаккули салоҳиятҳои калидӣ дар муҳити таълим мусоидат мекунад?**

**A)** Назорати сахт ва фишори интизомӣ
**B)** Озодӣ дар ифодаи андеша ва кори гурӯҳӣ
**C)** Рақобати инфиродӣ байни хонандагон
**D)** Истифодаи тестҳои стандартӣ дар ҳар дарс

**2. Муҳити таълимии ҳавасмандкунанда бояд…**

**A)** Танҳо ба натиҷаҳои имтиҳонӣ равона бошад
**B)** Фақат ба хонандагони болаёқат имконият диҳад
**C)** Шароити рушд ва иштироки фаъолро барои ҳама фароҳам созад
**D)** Аз технологияҳо дур бошад, то диққат парешон нашавад

**3. Кадом салоҳият ба гурӯҳи салоҳиятҳои калидӣ дохил намешавад?**

A) **Тафаккури интиқодӣ**
B) **Эҷодкорӣ**
C) **Муоширaт**
D) **Итоати** бечунучаро ба дастурҳо



**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилоотии 3.1-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи худбаҳодиҳии 3.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 3.1.**

## *ШАРҲИ КӮТОҲ ОИД БА АҲАМИЯТИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ*

Муҳити таълимӣ нақши калидиро дар ташаккули раванди муваффақи таълимӣ мебозад. Он на танҳо ба ангезиши хонандагон таъсир мерасонад, балки сифати муоширати онҳо бо маводи таълимӣ, омӯзгорон ва ҳамсинфонро низ муайян мекунад. Муҳити мусоид шароитро барои омӯзиши фаъол ва бошуурона муҳайё месозад, ки дастрасии захираҳо, роҳатӣ ва дастгириро таъмин менамояд.

Ин муҳит ба инкишофи салоҳиятҳои калидӣ тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкорӣ мусоидат мекунад. Маҳз муҳит ва руҳияи муассиса муайян месозанд, ки то чӣ андоза хонандагон ба раванди таълимӣ ҷалб мешавад ва кадом малакаҳоро бароиояндаи муваффақи худ метавонад рушд диҳад.

## *1. РОБИТАИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ БО ҲАВАСМАНДКУНИИ ТАЪЛИМ*

Муҳити таълимӣ дар ташаккули ангезиши хонандагон нақши калидӣ мебозад. Он на танҳо роҳатӣ ва дастрасии раванди таълимро муайян мекунад, балки ба сатҳи иштироку хоҳиши омӯзиш таъсир мерасонад.

1. **Муҳити физикӣ**

Фазои хуби ташкилшудаи таълимӣ — синфхонаҳои бароҳат, дастрасӣ ба захираҳо, таҷҳизоти муосир бо тамаркуз ва таваҷҷуҳи хонандагон мусоидат мекунад. Унсурҳои визуалии равшан ва минтақаҳои интерактивӣ метавонанд кунҷковиро тақвият бахшанд.

2. **Муҳити дастрасии захираҳо**

Муҳити дастгирикунанда ва мусбат дар муассиса ба хонандагон боварӣ мебахшад, сатҳи изтироби шадиди руҳиро коҳиш медиҳад ва ангезиши дохилиро меафзояд. Вақте хонандагон худро шунида ва эҳтиромшуда ҳис мекунанд, бо шавқу рағбат ба таълим ҷалб мешаванд.

3. **Стратегияҳои педагогӣ**

Методикаҳои фаъол, таълими муколамавӣ, фаъолиятҳои лоиҳавӣ ва бозӣ омӯзишро ҷолиб ва маънӣ мебахшанд. Агар хонанда манфиати амалии донишро дарк намояд, ангезиши ӯ боло меравад.

4. **Омилҳои иҷтимоӣ**

Кори дастаҷамъона, ҳамкорӣ бо ҳамсинфон ва имконияти иштирок дар қабули қарорҳо шавқи омӯзишро таҳким мебахшанд. Муҳити иҷтимоӣ шароит фароҳам меорад, барои ҳамкорӣ ва мубодилаи афкор.

Дар асоси ин назария, омӯзгорон ва равоншиносони рус моделҳои гуногуни муҳити таълимро таҳия кардаанд.

**Назарияи муҳити таълимии Ясвин** тавсия медиҳад, ки ба ду конструктҳои қутбӣ такя карда шавад: **озодӣ / вобастагӣ** ва **фаъолӣ / ғайрифаъолӣ**.

Якҷо намудани ин ду меъёр имкон медиҳад, ки чор навъи муҳити таълим тасниф шавад:

1. **Интихоби озоди хонандагон (ангезиши дохилӣ) + иштироки фаъол (амалҳои беруна) =Муҳити эҷодӣ.** Ҳавасмандкунанда ва мубодилаи озоди донишҳо.
2. **Интихоби озоди хонандагон (ангезиши дохилӣ) = ғайрифаъол** (набудани ухдадорӣ) **= Муҳити бебуҳрон.** Пешбиникунандаи суръати инфиродӣ дар омӯзиш, ки мавриди ҳавасмандӣ ва танқид қарор намегирад.
3. **Фаъол (пайдо шудани иштироки беруна дар раванд) +Вобастагӣ аз масъалаҳои ҷорӣ = Муҳити мартабавӣ.** Омӯзиш дар чунин муҳит дар замони муайян ва гурӯҳи муайян сурат мегирад. Афзалият ба худнамоӣ ва вафодорӣ ба арзишҳои корпоративӣ равона шудааст, на дониш.

**Вобастагӣ + Ғайрифаъолӣ = Муҳити шахшуда. Ба чунин муҳит** назорати ҷиддӣ ба мазмун ва раванди омӯзиш хос аст.




| Эҷодӣ | Мартабавӣ |
|---|---|
| 1. | 1. |
| 2. | 2. |
| 3. | 3. |
| 4. | 4. |
| Бебуҳрон | Шахшуда |
| 1. | 1. |
| 2. | 2. |
| 3. | 3. |

Ҳар яке аз ин навъҳои муҳити таълим на танҳо дар рафтори омӯзгор ва хонанда инъикос меёбад, балки дар муҳити физикии муассиса низ таҷассум меёбад. Масалан, тарзи ҷойгиршавии хонандагон дар синф метавонад ҳам сатҳи фаъолият ва ҳам дараҷаи озодии онҳоеро, ки ширкат мекунанд, тағйир диҳад

| | |
|---|---|
|  |  |
| Ҳангоми тарҳрезии классикӣ ё анъанавии мебел дар синфхона, нақши асосӣ бештар ба омӯзгор вогузор мешавад, дар ҳоле ки хонандагон бештар мавқеи мушоҳидро ишғол мекунанд. | Ҳангоми ҷойгиркунии гурӯҳӣ, масалан, дар назди мизҳо ё рӯйи подиумҳо ҷараёни дарс озодтар ва фаъолтар мегузарад, зеро хонандагон дар гурӯҳҳое фаъолият мекунанд, ки онҳо бо интихоби шахсии худ ба он пайвастаанд. |

Супориши 1. Акс бе тавзеҳ

**Саволҳо барои андеша ва баррасӣ:**

- Шумо бо дидани ин муҳит чӣ эҳсос мекунед?
- Ин муҳит ба хонандагон чӣ паёмҳо мерасонад?
- Бо кӯшишҳои кам дар ин ҷо чӣ гуна тағйирот ворид кардан мумкин аст?
- 2–3 идея барои беҳсозии он пешниҳод кунед.

**Равоншиноси рус В. И. Слободчиков модели антропологӣ - равонии муҳити таълимиро пешниҳод намудааст, ки чунин тавзеҳ дода мешавад:**

Муҳити таълим на танҳо барои омода кардани кӯдакон ба оянда пешбинӣ шудааст, балки ҳамчун маҷмӯи муташаккили омӯзгорон, кӯдакон ва волидайн амал мекунад. Муҳити таълим як шакли фарҳангии таърихан ташаккулёфтаи мулоқоти кӯдакон, ҷавонон ва калонсолон дар зиндагии воқеии имрӯз мебошад. «…таълим — василаи табиӣ ва шояд беҳтарин барои мулоқоти шахсият бо ҷомеа аст…»

Ин гуна равиш имкон медиҳад, ки ҷойгоҳи муоширати шогирд бо муҳити таълимӣ дар системаи умумии робитаҳои шахсияти рушдёбанда бо олам равшан муайян карда шавад.

**Ба ин тартиб, дар муассиса шахсиятҳои синну соли мухталиф бо ҳам вохӯрда, ҳамкорӣ мекунанд.** Рафтори кӯдакон ва калонсолон вобаста ба омилҳои гуногун фарқ мекунад: синну сол, дараҷаи расмии муҳити муошират, қобили қабул будани модели интихобшуда ва ғайра. Муҳити зоҳирии муассиса низ нақши муҳимеро мебозад, зеро он шаклҳои дастрас ва қабулшудаи муоширатро намоиш дода, хонандагонро ба истифодаи фаъолонаашон ташвиқ мекунад.

Имрӯз таълим ба сӯйи омӯзиши инфиродӣ ва фардикунонишуда қадамҳои устувор мегузорад, ки дар он системаи анъанавии синфу дарс вазни худро тадриҷан гум мекунад. Дар ин замина, ба лоиҳакашони муҳитҳои таълим зарур меояд, ки муҳити физикии тамоман наверо таҳия кунанд, ки барои омӯзиши мустақилона ва гурӯҳӣ мувофиқ бошад.

**Ҳамин тавр, муассиса бояд минтақаҳои гуногуни дохилиро фароҳам оварад, ки ба шаклҳои мухталифи муоширати хонандагон бо ҷаҳони атроф мутобиқ бошанд.**

**Омӯзиши инфиродӣ**

Ин равиш ба ҳиссаи зиёдтари фаъолияти мустақили хонандагон ҳам дар дохили муассиса ва ҳам берун аз он такя мекунад. Мавқеи омӯзиши инфиродӣ бояд имкони интихоби шакли омӯзиш ва азхудкунии донишро фароҳам оранд, масалан:

- **Мизҳои корӣ ва сатҳҳои дигар** (масалан, дар зери тиреза) барои иҷрои супоришҳои хаттӣ, истифодаи ноутбук ва ғ.

- **Ҷойҳои нишаст дар паси компютерҳои фардии муассиса**
- **Курсиҳои нарм, диванҳо** барои хониш, такрор ва истироҳати кӯтоҳ

**Минтақа барои омӯзиши гурӯҳӣ**

Дар ин ҷо дарсҳо, лексияҳо, лоиҳаҳои дастаҷамъона, семинарҳо ва дигар фаъолиятҳо дар назар аст, ки дар онҳо хонанда бояд бо дигарон ва/ё омӯзгорон муошират кунад. Муҳити физикӣ модели рафтории иштирокчиёнро муайян мекунад, ки он ба сифати муҳити таълим ҳамчун фазои муошират таъсир мерасонад.

**Мисолҳо:**

- Музокирот доир ба лоиҳа метавонад ҳам дар назди мизи инфиродӣ, ҳам дар минтақаи «нарм» барои истироҳат, ҳам дар ошхона бо як пиёла чой ё ҳангоми сайр дар ҳавлӣ сурат гирад. Дар ҳар макон табиати муошират метавонад аз «кори расмӣ» то «ғайрирасмии осуда» тағйир ёбад.
- Гузаронидани дарс дар аудиторияи калон таъмини нақши «ҳукмрони» (доминанти)-и омӯзгорро дар назар дорад, дар ҳоле ки ҷойгиршавии даврашакл ё озодона иштироки хонандагонро зиёд мекунад.
- Муоширати байни шогирдон вобаста ба муҳит гуногун аст: шакли рақобатӣ дар гӯшаи варзишӣ, дӯстона — дар минтақа барои роҳат, ҳамкорона — дар китобхона, корӣ — дар озмоишгоҳи тахассусӣ ва ғайра.





**Мисолҳо аз муҳити навгониҳои физикӣ ва фазоии муассиса.** Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки аз як тараф, тарҳрезӣ ва меъмории муассиса метавонад муҳите эҷод кунад, ки рушди фикрӣ, муошират ва ҳамкориро дар байни хонандагон тақвият диҳад. Аз тарафи дигар, хосияти ташкили раванди таълимӣ ва мазмуни фаъолиятҳои омӯзишӣ худи муҳити анъанавии муассисаро табдил дода, онро ба муҳити эҷодӣ ва рушдёбанда мубаддал месозанд.

***Муассисаи тавсифшуда дар ноҳияи Одинтсово вилояти Москва ҷойгир аст*** *(аҳолии деҳае, ки муассиса дар он воқеъ аст, тақрибан 1600 нафарро ташкил медиҳад). Муассиса як бинои сеқабата аст ва барои 640 хонанда пешбинӣ шудааст. Дар айни замон дар он 23 омӯзгор фаъолият мекунанд ва 240 хонанда таҳсил мекунанд. «Аз онҳо нисфашон барои таҳсил аз деҳаҳои атроф меоянд», — гуфта шудааст дар сомонаи расмии муассиса.*

**Муҳити ин муассиса хеле озод ва кушода аст.** Фазои муассисаӣ пур аз намоишгоҳҳо мебошад: деворҳо, фарш ва шифти бино фаъолона истифода мешаванд. Онҳо бо овезаҳо оро дода шудаанд, ҳам онҳое, ки муассиса барои раванди таълимӣ харидорӣ намудааст ва ҳам онҳое, ки аз ҷониби кӯдакон ва омӯзгорон бо дасти худашон омода шудаанд.

Муҳим аст, зикр гардад, ки яке аз хусусиятҳои хоси муҳити моддӣ - фазоии ин муассиса **тавони зуд ивазшавии унсурҳои бо даст сохташуда мебошад.**

**Дар ошёнаи якум як девори долон бо маводе пӯшида шудааст, ки метавон бо борҳои махсус рӯйи он навишт.** Вақте дар муассиса чорабиниҳои умумӣ баргузор мешаванд, он девор бо тасвирҳои мавзуии зебо оро дода мешавад. Дар рӯзҳои одӣ омӯзгорон дар вақти танаффус бо истифода аз он девор озмунҳо ташкил мекунанд (масалан, «кӣ тезтар мисоли математикӣ ё ребусро ҳал мекунад ва пас аз он назди ҳамдастааш меравад, то навбати баъдиро бигузаронад»). Баъзан ин фазо танҳо ҳамчун воситаи ифодаи худ барои ҳам шогирдон ва ҳам омӯзгорон боқӣ мемонад.





**Омӯзгор, аз як тараф, таваҷҷуҳи шахсии худро ифода мекунад, аз тарафи дигар, онро ба фанни таълимӣ ва ҳавасмандсозии хонандагон барои дарёфти маълумоти бештар пайваст месозад.**

**Хонандагон чӣ менависанд?** Онҳо иқтибосҳои ҷолиби шахсии худро аз китобҳо дар доираи фан пешниҳод мекунанд.

Маҳз тавассути ин навиштаҷот байни омӯзгор ва хонандагон як майдони нави муошират пайдо мешавад. Ҳолате мешавад, ки омӯзгор муаммои таърихӣ менависад, ё хатмкардагони муассиса хоҳиши боқӣ гузоштани паёме ба муассисаро дар рӯйи шиша доранд.

**Ин девор ба василаи ифодаи шахсият ва дар айни замон ба воситаи ангезиш табдил меёбад.**

**Намунаҳои таъсири муҳити таълим ба ангезиши хонандагон**

**1. Муҳити физикӣ**

***Намуна:*** Дар як муассиса синфхонаҳоро навсозӣ карданд: тахтаҳои интерактивӣ ва мебели тағйирпазир насб намуданд. Хонандагон фаъолтар дар дарс иштирок карданд, омӯзгорон сатҳи афзоиши таваҷҷуҳро қайд намуданд.

***Хулоса:*** Фазои эргономикӣ ва муҷаҳҳаз бо технологияҳо таваҷҷуҳи таълимиро дастгирӣ мекунад ва ҷараёни омӯзишро интерактивӣ мегардонад.

**2. Муҳити равонӣ (психологӣ)**

***Намуна:***

Як омӯзгор ба таври мунтазам фикру мулоҳизаҳои мусбат пешниҳод мекард, бо суханҳои ҳавасмандкунанда хонандагонро ташвиқ мекард. Хонандагон бо боварии бештар андешаҳои худро баён мекарданд ва бештар ташаббус нишон медоданд.

***Хулоса:*** Дастгирӣ ва эҳтиром муҳити таълимии роҳатро эҷод мекунад, ки рушди худшиносӣ ва ангезишро тақвият медиҳад.

**3. Стратегияҳои педагогӣ**

***Намуна:*** Дар як синф методи таълими лоиҳавӣ ҷорӣ карда шуд: хонандагон рӯйи вазифаҳои воқеӣ кор карданд (масалан, таҳияи сомонаи муассиса). Сатҳи фаъолнокӣ ба таври назаррас афзуд.

***Хулоса:*** Истифодаи амалӣ аз дониш шавқи таълимро тақвият медиҳад, зеро хонандагон манфиати воқеии малакаҳои бадастомадаро мебинанд.

**4. Ҳамкории иҷтимоӣ**

***Намуна:***

Дар муассиса клубҳои ба завқи шахсӣ мувофиқ таъсис дода шуданд, ки хонандагон тавассути бозӣ математика меомӯхтанд, дар баҳсҳо иштирок мекарданд ва малакаҳои роҳбариро рушд медоданд.

***Хулоса:*** Ҳамкории гурӯҳӣ ва имкони интихоб ангезишро афзоиш медиҳад ва омӯзишро ба таҷрибаи шахсан арзишманд табдил медиҳад.

**1. Кейс: Табдили фазои синфхона**

- **Мушкилот:** Хонандагони синфи 7 душворӣ дар тамаркуз доштанд ва шавқашон ба фанҳо коҳиш ёфта буд.
- **Ҳал:** Муассиса муҳити таълимиро навсозӣ намуд — минтақаҳо барои кори гурӯҳӣ, панелҳои интерактивӣ ва ҷойгиршавии роҳат илова шуданд.
- **Натиҷа:** Сатҳи иштироки хонандагон боло рафт, ҷавобҳои ташаббускор бештар шуданд ва ангезиши омӯзиши мустақил тақвият ёфт.

**2. Кейс: Муҳити равонии дастгирикунанда**

- **Мушкилот:** Дар як муассиса хонандагон сатҳи пасти эътимод ба худ ва тарси иштибоҳ доштанро таҷриба мекарданд, ки ангезиши онҳоро коҳиш медод.
- **Ҳал:** Омӯзгорон стратегияи «иштибоҳ — ин рушд аст»-ро ҷорӣ намуда, ташаббусҳоро дастгирӣ карданд ва кӯшишҳоро бе тарси арзёбӣ ташвиқ намуданд.
- **Натиҷа:** Хонандагон фаъолона ба муҳокимаҳо ҳамроҳ шуданд, ангезиши таҷрибаомӯзӣ зиёд шуд ва сатҳи изтироб поён рафт.

**3. Кейс: Пайванд бо зиндагии воқеӣ**

- **Мушкилот:** Дар синфи 9 шавқу рағбат ба илмҳои табиӣ паст буд, зеро моҳияти фанҳо дур аз воқеият ба назар мерасид.
- **Ҳал:** Омӯзгор як силсила дарсҳои амалиро ташкил кард, хонандагон таҷрибаҳо гузаронианд, маълумотҳои воқеии муҳити зисти шаҳрро таҳлил ва пешниҳодҳо таҳия карданд.
- **Натиҷа:** Ҳавасмандӣ афзуд, шумораи иштирокчиёни олимпиадаҳо ва лоиҳаҳо зиёд шуд.

## ***2. РОБИТАИ МУҲИТИ ТАЪЛИМӢ БО ҶАЛБ ВА ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАЛИДӢ***

Муҳити таълим тавре ташкил шудааст, ки хонандагон худро иштирокчиёни фаъоли он эҳсос кунанд, ҳавасмандӣ ва хоҳиши омӯзиши онҳо ба таври назаррас боло меравад.

Муҳит бояд:

- ✓ **Ҳамфаъол бошад** — истифодаи технологияҳо ва методҳои бозӣ машғулиятҳоро динамикӣ месозад;
- ✓ **Кушода бошад** — хонандагон бояд имкони озодона баён кардани андеша, таҳлилу баррасии ғояҳо ва дарёфти фикру мулоҳизаҳоро дошта бошанд;
- ✓ **Ба амал равона шуда бошад** — тавассути лоиҳаҳо, таҳқиқот ва вазифаҳои гурӯҳӣ дониш ба зиндагии воқеӣ пайваст карда мешавад.

**Мувофиқи таҳқиқот, дар муассисаҳое, ки муҳити таълимӣ иштироки фаъолро дастгирӣ мекунад, сатҳи фаъолият ва муваффақияти академии хонандагон афзуд.**

**Омилҳои фазоӣ**

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки муҳитҳои кушода ва роҳат бо имкони ҳаракат ва кори дастаҷамъона даргиршавиро зиёд мекунанд. Масалан, синфхонаҳои трансформатсияшаванда имконият медиҳанд, ки муҳит мутобиқ ба шаклҳои гуногуни таълимӣ танзим шавад.

**Муҳити равонӣ (эмотсионалӣ)**

Сатҳи иштирок ба таври назаррас баланд мешавад, агар хонандагон худро дар муҳити амн ва боэътимод ҳис кунанд. Дастгирии омӯзгор, ташвиқи саволҳо ва муҳите, ки иштибоҳро ҷузъи омӯзиш мешуморад, аҳамияти калидӣ доранд.

**Озодии интихоб**

Агар хонандагон имкони интихоби роҳҳои иҷрои вазифаҳо, суръати таълим ва пешниҳод кардани ташаббусҳоро дошта бошанд, онҳо фаъолона ба раванд ҷалб мешаванд.

**Ташаккули салоҳиятҳои калидӣ тавассути муҳити таълим**

Таълими муосир ба рушди чор маҳорат равона шудааст:

- **Тафаккури интиқодӣ** — таҳлили иттилоот, малакаи далеловарӣ ва қабули қарорҳо;
- **Эҷодкорӣ** — тавлиди ғояҳои нав ва равишҳои ғайриқолабӣ;
- **Муошират** — ҳамкории самаранок, инкишофи нутқ ва малакаҳои муколама;
- **Ҳамкорӣ** — кори дастаҷамъона, гуфтушунид ва расидан ба ҳадафҳои муштарак.

Барои инкишофи онҳо муҳити таълим бояд:

- **Шароит барои кори муштарак эҷод намояд** — лоиҳаҳои гурӯҳӣ, баҳсҳо ва баррасиҳои дастаҷамъона;
- **Ташаббуси хонандагонро ташвиқ кунад** — имкони интихоби шакли таълим ва тарзи ҳамкорӣ;
- **Омӯзиши проблемагузориро истифода барад** — супоришҳое пешниҳод кунад, ки тафаккури ғайриқолабӣ ва таҳлилро талаб мекунанд.

**Намунаҳои мушаххас: робитаи муҳити таълимӣ бо ҷалбкунӣ ва ташаккули салоҳиятҳои асосӣ**

**1. Кейси «Фазои ҳамкорӣ»:**

- **Мушкилот:** Хонандагон маводи таълимиро ғайрифаъол қабул мекарданд, дар кори гурӯҳӣ танҳо иштирокчиёни пурқувват ҳукмронӣ менамуданд.
- **Ҳал:** Синфхонаро ба «минтақаҳои таълимӣ» барои муҳокима, лоиҳаҳо ва таҳлили инфиродӣ тақсим карданд. Омӯзгорон шакли дарсҳоро чандҷониба (бо ҷойивазкунии хонандагон) ташкил карданд.
- **Натиҷа:** Хонандагон фаъолтар шуданд, зеро шакли мувофиқро интихоб мекарданд; ҳамкорӣ бо тақсими нақшҳо мустаҳкам гардид.

**2. Кейси «Тафаккури интиқодӣ тавассути таҳлили иттилооти воқеӣ»:**

- **Мушкилот:** Хонандагон танҳо ба китоби дарсӣ такя мекарданд ва таҳлили маълумот барои онҳо мушкил буд.
- **Ҳал:** Ба дарсҳо таҳлили кейсҳо ва ахбори воқеӣ ворид карда шуд. Мисол: таҳлили омори хароҷоти нақлиёт дар шаҳр дар дарси математика ва парвандаҳои ҳуқуқӣ дар дарси ҷомеашиносӣ.
- **Натиҷа:** Хонандагон омӯхтанд, ки маълумотро таҳлил ва хулосаҳоро асоснок кунанд, инчунин, роҳҳои алтернативии ҳалро ҷустуҷӯ намоянд.

**3. Кейси «Амали хонандагон тавассути фаъолиятҳои лоиҳавӣ»:**

- **Мушкилот:** Дарсҳо дар шакли анъанавӣ мегузаштанд ва таваҷҷуҳи хонандагон коҳиш меёфт.
- **Ҳал:** Методи «омӯзиш тавассути лоиҳа» ҷорӣ шуд: хонандагон мини-стартапҳо барои беҳсозии инфрасохтори муассиса таҳия мекарданд (масалан, барномаҳо барои коҳиши партовҳои коғазӣ).
- **Натиҷа:** Хонандагон ангезиши баланд доштанд, зеро таъсири кори худро медиданд. Эҷодкорӣ ва муошират тавассути муаррифии идеяҳо дар назди маъмурият рушд ёфт.

**4. Кейси «Эҷодкорӣ тавассути усулҳои бозӣ»:**

- **Мушкилот:** Дарсҳо якранг буданд, хонандагон ба ҳалли ғайримуқаррарӣ кам рӯ меоварданд.
- **Ҳал:** Машғулиятҳои бозӣ ҷорӣ гардиданд — мисол, дар адабиёт асарҳоро ба сенария ва намоишнома табдил доданд; дар таърих хонандагон подкастҳои журналистии таърихӣ омода карданд.
- **Натиҷа:** Фаъолиятҳо бештар, инкишофи тафаккури эҷодӣ ва афзоиши фаъолияти мустақилона дар омӯзиш.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Муҳити таълим ба ангезиш таъсири бевосита мерасонад** – муҳити роҳат, дастгиркунанда ва ҳамфаъол ангезиши таълимиро зиёд намуда, сатҳи изтироби хонандагонро коҳиш медиҳад.
2. **Талошу ҳаракати хонандагон ба ташкили муҳит ва методҳои таълимӣ вобаста аст** – шаклҳои тағйирпазир, кори гурӯҳӣ ва лоиҳаҳои амалӣ шавқ ба омӯзишро меафзоянд.
3. **Ташаккули салоҳиятҳои калидӣ равиши ҳадафмандро талаб мекунад** – тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муоширaт ва ҳамкорӣ тавассути баҳсҳо, ҳамкории муштарак ва омӯзиши мушкилмарказ рушд меёбанд.
4. **Муҳити иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад** – ҳамкории хонандагон бо якдигар ва омӯзгорон шароит барои рушди боварӣ ва ҳамкориро фароҳам месозад.
5. **Воситаҳои рақамии муосир ангезишро дастгирӣ мекунанд** – истифодаи платформаҳои интерактивӣ ва захираҳои рақамӣ ба хонандагон имкони бештари омӯзиши мустақилро фароҳам меорад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Саволҳо барои дарк ва таҳлили мавзуъ**

1. Муҳити таълим дар муассисаи шумо чӣ гуна ба ангезиш ва фаъолшавии хонандагон таъсир мерасонад? Кадом ҷанбаҳо ниёз ба такмил доранд?
2. Кадом принсипҳои ташаккули салоҳиятҳои калидиро дар машғулият мушоҳида кардед ва чӣ гуна онҳоро метавонед ба равандҳои таълимии худ ворид намоед?
3. Аз маводи баррасишуда кадом нуқта шуморо бештар ба тааҷҷуб овард ё маҷбур сохт, ки ба муҳити таълим аз нигоҳи дигар назар афканед?
4. Кадом тағйироти мушаххасро дар равиши таълим омодаед дар муассисаи худ ҷорӣ кунед?
5. Кадом душвориҳо метавонанд ҳангоми ташкили муҳити таълимии ҳавасмандкунанда ба миён оянд ва чӣ гуна стратегияҳо барои баррасӣ дар бартараф кардани онҳо кумак мерасонанд?

👉 **Шакли кор: ҷавобҳои хаттӣ ё баррасӣ дар гурӯҳҳои хурд**

---

**II. Хударзёбии амалияи худ**

- То чӣ андоза муҳити таълим дар муассиса ангезиши хонандагонро дастгирӣ мекунад?
- Чиро метавон дар раванди таълим беҳтар кард, то таваҷҷуҳ ва ҳамкориро афзоиш бахшем?
- Кадом технологияҳо ё равишҳоро метавон барои тақвияти малакаҳои асри XXI ҷорӣ кард?
- Дар ҷараёни ин машғулият ман дар бораи амалияи худ чиро омӯхтам?
- Кадом ғояҳо ва хулосаҳо метавонанд ба фаъолияти минбаъдаи ман таъсир расонанд?

👉 **Шакли кор: ёддоштҳои инфиродӣ + мубодилаи дунафарӣ**

---

**III. Гузариш ба амал**

1. **Арзёбии муҳити таълимии ҷорӣ**
   - Шароити таълимро дар муассисаи худ таҳлил кунед: то чӣ андоза онҳо хонандагонро ангезиш ва ҳавасманд месозанд?
   - Ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи муҳити таълимии ҷориро муайян кунед.
2. **Ҷорӣ кардани стратегияҳои баланд бардоштани ангезиш**
   - Иқдомҳо барои тақвияти ангезиши таълимро таҳия кунед: омӯзиши лоиҳавӣ, усулҳои интерактивӣ, супоришҳои эҷодӣ.
   - Дастгирии муҳити равониро таъмин кунед, ки дар он хонандагон худро боэътимод ва ба таълим шавқманд ҳис кунанд.
3. **Ташкили шароит барои рушди салоҳиятҳои калидӣ**
   - Супоришҳоеро ворид кунед, ки тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират ва ҳамкориро инкишоф медиҳанд.
   - Фазои таълимиро модернизатсия кунед, то он ба ҳамкорӣ ва кори муштарак мусоидат намояд.
4. **Нақшаи тағйирот ва татбиқи он**
   - Марҳилаҳои татбиқи амалияҳои навро муайян ва нақшаи амал таҳия кунед.
   - Натиҷаҳоро мунтазам арзёбӣ ва равишҳоро барои таъсири максималӣ мутобиқ намоед.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодии 2.3**

**1. Мафҳумро бо тавсифи он мувофиқ кунед:**

| **Мафҳум** | **Тавсиф** |
|---|---|
| А. Тафаккури интиқодӣ | 1. Муошурати самаранок ва интиқоли фикрҳо |
| Б. Эҷодкорӣ | 2. Кори муштарак барои расидан ба ҳадафи умумӣ |
| В. Муошират | 3. Тавлиди ғояҳои нав ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ғайримуқаррарӣ |
| Г. Ҳамкорӣ | 4. Қобилияти таҳлили иттилоот ва асоснок кардани далелҳо |
| **Ҷавоб:** А - __, Б - _ , В - _ , Г - | |

**2. Хатоиро дар изҳорот пайдо кунед:**

A. Муҳити физикии таълим ба фаъол шудани хонандагон таъсир мерасонад.
B. Муҳити иҷтимоӣ танҳо дар таълими расмӣ нақш мебозад.
C. Омӯзиши лоиҳавӣ ба рушди салоҳиятҳои калидӣ мусоидат мекунад.

**1. Кадом хусусият муҳити таълимиро барои ташаккули салоҳиятҳои калидӣ (тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, муошират, ҳамкорӣ) мусоидат мекунад?**

**A)** Маҳдуд кардани озодии ифода
**B)** Тақвияти кори гурӯҳӣ ва мубодилаи андешаҳо
**C)** Таъкид танҳо ба натиҷаҳои имтиҳонӣ
**D)** Ҷудо кардани хонандагон аз якдигар

**2. Муҳити таълимии ҳавасмандкунанда бояд чӣ гуна бошад, то ҷалби хонандагонро таъмин кунад?**

**A)** Сард, расмӣ ва пур аз фишор
**B)** Танҳо ба омӯзгорон равонашуда
**C)** Фаъол, дастгиркунанда ва фарогир
**D)** Бе имкони иштирок ва озодии интихоб

**3. Кадом амал дар муҳити таълимӣ ташаккули салоҳиятҳои калидиро халалдор мекунад?**

**A)** Роҳнамоии омӯзгор дар кори гурӯҳӣ
**B)** Маҳдуд кардани муошират ва ҳамкорӣ
**C)** Эҷоди фазои озоди андешаронӣ
**D)** Ташвиқи тафаккури интиқодӣ

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАИ ТАЪЛИМ:**

1. Муҳити таълимие, ки ба ҳавасмандкунии салоҳиятҳои калидӣ водор мекунад, таҳлил ва фаъолиятҳои онро нақшабандӣ намудан.

**Машғулияти амалии 1.**

**Таҳлил ва тарҳрезии унсурҳои муҳит барои тақвияти ангезиш ва рушди салоҳиятҳои асосӣ**

**Ҳадафи супориш:** Муайян кардани он, ки унсурҳои мушаххаси муҳити таълим чӣ гуна ба ангезиши хонандагон, ҳамроҳшавӣ дар раванди таълим ва ташаккули салоҳиятҳои калидӣ таъсир мерасонанд ва таҳияи пешниҳодҳо барои беҳтар кардани онҳо.

**Марҳилаи 1 1. Ташхиси хурди муҳити муассисаи шумо**

1. Як минтақаи муҳити таълимии муассисаи худро интихоб кунед (масалан: синфхона, роҳрав, китобхона, минтақаи истироҳат, устохона, платформаи онлайн).
2. Ба саволҳои зерин хаттӣ ҷавоб диҳед:
   - Кадом унсурҳои муҳит дар ин минтақа ангезиши таълимиро тақвият медиҳанд?
   - Кадом монеаҳо фаъолияти хонандагонро коҳиш медиҳанд?
   - Кадоме аз салоҳиятҳои калидӣ дар ин ҷо бештар рушд мекунанд ва чаро?

**Марҳилаи 2. Сессияи хурди тарҳрезӣ**

Дар асоси таҳлил:

1. Як амалеро пешниҳод кунед, ки метавонад рушди ҳадди ақал ду салоҳиятҳои калидиро тақвият диҳад.
2. Нишон диҳед:
   - Кадом унсури муҳитро шумо такмил медиҳед?
   - Кадом захираҳо лозиманд?
   - Кадом усулҳои фаъол кардани хонандагон ва омӯзгоронро истифода мебаред?
   - Чӣ гуна натиҷаро чен мекунед (индикатори одӣ)?

**Марҳилаи 3. Баррасӣ**

Дар гурӯҳҳо ё дунафарӣ натиҷаҳои таҳлил ва пешниҳодҳои худро баррасӣ кунед.

# МАВЗУИ 4

## Нақши директор дар рушди муҳити таълим: ташхис, лоиҳакашӣ ва тағйирот

**Чиро донистан муҳим аст?**

- **Вазифаҳо ва доираи масъулияти директор** дар идоракунии муҳити таълим: стратег, фасилитатор, ҳамоҳангсози тағйирот
- **Равишҳои муосири идоракунии тағйирот** (аз ҷумла, моделҳои Коттер, Левин ва ғайра)
- **Воситаҳои ташхиси муҳити таълимӣ:** варақаҳои назоратӣ, харитаҳои мушоҳида, саволномаҳои рақамӣ
- **Меъёрӣ:** СанПиН (стандартҳои санитарӣ) ва қоидаҳои дохилии муассисаи таълимӣ

**Чиро бояд тавонем?**

- Муайян кардани минтақаҳои мушкили муҳит ва гузаронидани ташхиси ҳама ҷузъҳои муҳити таълим
- Таҳияи қарорҳои лоиҳавӣ барои такмили муҳит бо асосноксозии таҳлил ва ҷалб кардани дастаи омӯзгорон
- Гузаронидани мониторинг ва нигоҳдории равандҳои тағйирот бо дастгирии ангезиш ва устувории даста

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

1. Чӣ муҳити таълимро воқеан рушддиҳанда ва дастгирикунанда мегардонад?
2. Директор чӣ гуна метавонад ба беҳсозии муҳит ба таври системавӣ аз ғоя то татбиқ наздик шавад?
3. Қадамҳои аввал дар тарҳрезии тағйирот кадомҳоянд?
4. Кадом иштибоҳҳо бештар дар ҷараёни тағйирот рух медиҳанд ва чӣ гуна бояд аз онҳо пешгирӣ кард?
5. Чӣ гуна метавон ҳайати омӯзгоронро ба раванди тағйироти муҳит ҷалб кард?
6. Кадом воситаҳои амалӣ барои ташхис ва тарроҳӣ самараноктар мебошанд?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Қобилияти гузаронидани ташхиси ҳамаҷонибаи муҳити таълим дар муассиса, таҳлили маълумот ва ташаккули хулосаҳои асоснок барои такмили минбаъдаро рушд диҳед.
2. Таҳияи стратегияи тағйирот, ҷорӣ кардани навовариҳо ва идоракунии равандҳо бо ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим ба роҳ монед.
3. Муошироти самаранок, мониторинги динамика, арзёбӣ ва танзими қарорҳои ҷоришуда таъмин намоед.
4. Ташкили муошироти муассир ва ҷалби омӯзгорон ба раванди тағйироти муҳити таълимро ба роҳ монед.

## Муқаддима

Директор чӣ гуна метавонад фарҳанги хуландешӣ ва рушди устувори муассисаро ташаккул диҳад? Дар муассисаи таълимии муосир директор на танҳо як маъмур аст, балки **меъмори муҳите** мебошад, ки дар он рушд ва пешрафти ҳар як иштирокчии раванди таълим сурат мегирад. **Муҳити таълим** — на танҳо девор ва мебел, балки як **фазои муошират**, сатҳи озодӣ ва масъулият, имконот барои рушд, эҷодкорӣ ва амният низ мебошад.

Муҳити самаранок — натиҷаи **ташхиси амиқ, тарҳрезии стратегӣ ва ҳамроҳии бодиққат ба тағйирот** мебошад. Ҳар яке аз ин марҳилаҳо аз роҳбари муассиса **тафаккури системавӣ**, малакаи кор бо **воситаҳои таҳлил,** қобилияти илҳомбахшӣ ва роҳбарии дастаи омӯзгоронро талаб мекунад.

Дар ҷараёни ин машғулият, иштирокчиён курс меомӯзанд:

- шиносоии **ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи муҳити таълимӣ**,
- **тарҳрезии тағйирот** бо такя ба маълумот ва эҳтиёҷоти воқеӣ,
- ташкили раванди **ҳамроҳӣ ба тағйирот** — ба таври устувор, пайдарпай ва бо дарназардошти омилҳои фарҳангӣ ва инсонӣ.

Ин гуна равиш ба иштирокчиён имконият медиҳад, ки на танҳо вазифаҳои ҷориро ҳал кунанд, балки **муассисаи ояндаро шакл диҳанд** — муассисае, ки дар он хонандагон, омӯзгорон ва падару модарон **ҳисси дастгирӣ ва маънӣ дар ҳар рӯзи таълимро эҳсос мекунанд.**

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

1. **Ташхиси муҳит** — равандест барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар бораи вазъияти ҷории муҳити таълим бо мақсади муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ, мушкилот ва нуқтаҳои рушди он.

2. **Тарҳрезии муҳит** — банақшагирии огоҳонаи такмили муҳити таълим бо дарназардошти эҳтиёҷоти хонандагон, омӯзгорон ва имкониятҳои муассиса.

3. **Ҳамроҳии тағйирот** — коркарди системавӣ барои татбиқи тағйироти банақшагирифта бо дастгирии даста, мониторинг ва мутобиқсозии чандҷонибаи қадамҳо.

4. **Мониторинги тағйирот** — пайгирии доимии ҷараёни тағйирот бо мақсади арзёбии саривақтӣ ва муайян кардани зарурати ислоҳот.

5. **Дастаи педагогӣ** — гурӯҳи омӯзгороне, ки якҷо барои такмили раванди таълим ва муҳити таълим фаъолият мекунанд.

6. **Муҳити рақамӣ** — маҷмуи абзорҳо, платформаҳо ва хидматҳои онлайние, ки омӯзиш, муошират ва идоракуниро дастгирӣ мекунанд.

# МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Нақши директор дар рушди муҳити таълимро донистан.
2. Қобилияти ташхиси вазъи муҳит ва муайян кардани нуқтаҳои рушдро доштан.
3. Қадамҳои такмилбахшии муҳитро бо такя ба маълумот ва санадҳои меъёрӣ тарҳрезӣ кардан.
4. Нақшаи тағйиротро бо дарназардошти ҳадаф ва вазифаҳо таҳия кардан.



**АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ**
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Саволҳои кушода**

1. Ба фикри шумо, кадом омилҳо ба рушди муваффақонаи муҳити таълим таъсир мерасонанд?
2. Шумо бо кадом усулҳои ташхиси муҳити таълимӣ шинос ҳастед?

**2. Вазифаҳо барои мувофиқсозӣ**

1. **Ташхис**
2. **Тарҳрезӣ** b) Муайян кардани мушкилот ва нуқтаҳои рушд.
3. **Ҳамроҳӣ** c) Таҳияи стратегияи тағйирот. 1 - ___ 2 - ___ 3 - ___.

| | |
|---|---|
| 1. **Ташхис** | a) Мониторинг ва мутобиқсозии қарорҳои ҷоришуда. |
| 2. **Тарҳрезӣ** | b) Муайян кардани мушкилот ва нуқтаҳои рушд. |
| 3. **Ҳамроҳӣ** | c) Таҳияи стратегияи тағйирот |
| 1 - , 2- , 3 - | |

**3. Дуруст/Нодуруст**

- Тарҳрезии муҳити таълим танҳо таҳияи стратегияро дарбар мегирад, бе татбиқи тағйирот. Ҷавоб: ____________________

- Ташхиси муҳити таълимӣ ба муайян кардани нуқтаҳои рушд ва мушкилоти эҳтимолӣ кумак мекунад. Ҷавоб: ____________________

**4. Таҳлили ҳолат.** Вазъиятро хонед ва қарор пешниҳод кунед: Директори муассиса коҳиши муваффақияти хонандагон ва афзоиши норозигии омӯзгоронро муайян кард. Шумо кадом усулҳои ташхис ва стратегияҳои тағйиротро пешниҳод мекунед?

____________________

____________________

**5. Баррасӣ дар гурӯҳҳои хурд**:

- Шумо дар раванди тағйирот бо кадом мушкилот рӯ ба рӯ мешавед?
- Чӣ тавр метавон иштироки омӯзгоронро дар тағйироти муҳити таълим зиёд кард?



**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилоотии 4.1-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи худбаҳодиҳии 1.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 4.1**

## *1. НАҚШИ ДИРЕКТОР ДАР МУҲИТИ ТАЪЛИМ*

Директори муассиса на танҳо маъмур, балки **меъмори асосии муҳити таълим** мебошад, ки ба рушди раванди таълим, такмили амалияҳои педагогӣ ва фароҳамсозии шароити рушди касбии омӯзгорону хонандагон мусоидат мекунад.

Дар шароити муосир нақши директор аз доираи идоракунии захираҳои дохилӣ ва риояи талаботи меъёрӣ берун мебарояд. Ӯ **пешбарандаи тағйирот** мегардад, ки қодир аст, вазъияти ҷориро таҳлил намояд, рушди ояндаи муассисаро тарҳрезӣ ва тағйиротро дар ҳамаи сатҳҳо ҳамроҳӣ намояд.

Имрӯз пешорӯйи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ вазифаҳои бузург меистанд:

- таъмин намудани сифати таҳсил дар шароити тағйироти босуръат;
- ҷорӣ намудани методҳои инноватсионӣ ва технологияҳои рақамӣ;
- эҷоди фазои мусоид барои рушди ҳамаи иштирокчиёни раванд;
- идоракунии самараноки ҳайати омӯзгорӣ, ташкили кори даставӣ ва дастгирии омӯзгорон;
- ҳамкорӣ бо ҷомеа, волидайн ва шарикони беруна.

**Директори муваффақ** на танҳо менеҷер, балки **сарвари илҳомбахш** аст, ки муҳити таълимиро бо таври мутобиқшаванда, муосир ва рӯ ба оянда табдил медиҳад. Маҳз аз стратегия ва қарорҳои идоракунии ӯ самаранокии таълим ва сатҳи омодагии хатмкунандагон вобаста мебошад.

## *2. ҶАНБАҲОИ МУҲИММИ НАҚШИ ДИРЕКТОР ДАР РУШДИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ*

**1. Ташхиси муҳити таълим**

- Арзёбии вазъи ҷории муассиса: таҳлили фарҳанги педагогӣ, сатҳи фаъолнокии хонандагон ва самаранокии усулҳои таълим.
- Муайян кардани нуқтаҳои рушд ва монеаҳои эҳтимолӣ барои такмили раванд.
- Истифодаи василаҳои муосири таҳлилӣ барои мониторинги сифати таҳсил.

**2. Тарҳрезии тағйирот ва рушди стратегӣ**

- Таҳияи дидгоҳи дарозмуддат оид ба рушди муассиса бо дарназардошти тамоюлҳои ҷаҳонии таълим ва шароити маҳаллӣ.
- Ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият (тафаккури интиқодӣ, муошират, ҳамкорӣ ва эҷодкорӣ).
- Мутобиқсозии методологияҳои рақамӣ ва омехта барои оптимизатсияи раванди таълим.

**3. Ҳамроҳӣ ба тағйирот ва рушди устувор**

- Идоракунии раванди тағйирот: бартарафсозии муқовимат, дастгирии омӯзгорон ва эҷоди муҳити ҳавасмандкунанда.
- Рушди ҷомеаҳои касбии омӯзгорон барои мубодилаи таҷриба ва баланд бардоштани сатҳи тахассус.
- Ҳамкорӣ бо падару модарон, ҷомеаи маҳаллӣ ва шарикон барои тақвияти экосистемаи таълимӣ.

### *3. ТАШХИСИ ВАЗЪИ ҶОРИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ ВА МУҲИТИ ТАЪЛИМ*

Рушди самараноки муассиса аз **ташхиси амиқи муҳити таълим** оғоз меёбад. Ин ба роҳбар имкон медиҳад, ки **ҷиҳатҳои қавӣ, нуқтаҳои мушкил ва роҳҳои эҳтимолии навсозиро** муайян кунад.

**Самтҳои асосии ташхис:**

1. **Таҳлили ҳайати омӯзгорон**
   - Арзёбии сатҳи тахассус ва ангезиши омӯзгорон.
   - Муайян кардани ниёзҳо ба рушди касбӣ ва баландбардории малака.
   - Муайян кардани сатҳи ҷалбшавии омӯзгорон дар равандҳои инноватсионӣ.
2. **Мониторинги раванди таълим**
   - Арзёбии самаранокии усулҳои таълим.
   - Таҳлили сатҳи дастовардҳо ва иштироки хонандагон.
   - Омӯзиши сатҳи мутобиқшавии хонандагон ба салоҳиятҳои муосир (асосӣ, малакаҳои рақамӣ).
3. **Омӯзиши фазои муассисаӣ**
   - Муносибати байни омӯзгорон, хонандагон ва падару модарон.
   - Сатҳи роҳатии муҳити таълим ва мавҷудияти дастгирии равонӣ.
   - Мизони омодагии ҳайат ба тағйирот.
4. **Таҳлили инфрасохтор ва захираҳо**
   - Арзёбии базаи моддӣ-техникӣ: мавҷудияти абзорҳои рақамӣ, маводди таълимӣ.
   - Омӯзиши сатҳи дастрасии имкониятҳои таълим.
   - Муайян кардани ниёзҳо барои оптимизатсияи ҷараёни таълим.

### *4. УСУЛҲО ВА АБЗОРҲОИ ТАШХИСИ ҲАЙАТИ ОМӮЗГОРОН*

**Ҷадвали арзёбии сатҳи тахассус ва ангезиши омӯзгорон,** ки барои таҳлили мунтазами омодагии касбӣ ва ангезиши омӯзгорон истифода мешавад.

| **Нишондиҳанда** | **Нишонаи арзёбӣ** | **Усулҳои ҷамъоварии маълумот** | **Эзоҳ** |
|---|---|---|---|
| Таҳсилот | Асосӣ, иловагӣ, сертификатсия | Таҳлили ҳуҷҷатҳо | Дипломҳо, шаҳодатномаҳо |
| Маҳорати касбӣ-педагогӣ | Анъанавӣ, муосир, ҳамгироии салоҳиятҳои калидӣ | Анкета, мушоҳида | Пурсиши омӯзгорон, таҳлили дарсҳо |
| Сатҳи ҳавасмандкунӣ | Баланд, миёна, паст | Суҳбат, пурсиш | Сабабҳои ангезиш ва акси он |

**I. Саволнома барои муайян кардани ниёзҳо дар такмили ихтисос.**

**Намунаи саволҳо:**
1. Кадом мавзуъҳои рушди касбӣ барои шумо бештар ҷолибанд? (технологияҳои рақамӣ, усулҳои таълим)
2. Кадом шакли омӯзиш ба шумо мувофиқтар аст? (вебинар, семинар, роҳбаладӣ)
3. Кадом монеаҳо ба шумо барои такмили ихтисос халал мерасонанд? (нарасидани вақт, маҳдудияти молиявӣ, набудани курсҳои мувофиқ)

**II. Усули арзёбии сатҳи иштирок дар равандҳои инноватсионӣ**.

Барои муайян кардани фаъолнокии омӯзгорон дар навсозии амалиётҳои таълимӣ истифода мешавад

| Нишондиҳанда | Сатҳи иштирок | Методи арзёбӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| Истифодаи технологияҳои муосир | Баланд, миёна, паст | Пурсиш, таҳлили дарсҳо | Мушоҳидаи истифодаи василаҳои рақамӣ |
| Иштирок дар таҳияи барномаҳо | Фаъол, гоҳ-гоҳ, нест | Санҷиши саволнома | Дархост ба иштирок дар таҳияи курсҳо |
| Кӯшиш ба навовариҳо | Баланд, миёна, паст | Гурӯҳҳои амалӣ | Арзёбии омодагӣ ба таҷрибаҳои нав |

**III. Усулҳои муайян кардани ниёзҳои омӯзгорон**

**1. Саволнома оид ба ниёзҳои такмили ихтисос**

Барои фаҳмидани мавзуъҳо ва шаклҳои омӯзиши омӯзгорон кумак мекунад.

**Намунаи шакли саволнома:**

1. **Сатҳи қаноатмандии шумо аз дониши касбии феълӣ (1–5): ___**
2. **Кадом мавзуъҳо ба шумо бештар ҷолибанд**?
   - ☐ Муносибати босалоҳият ба таълим
   - ☐ Технологияҳои рақамӣ дар таълим
   - ☐ Методҳои таълими фаъол
   - ☐ Арзёбии натиҷаҳои таълимӣ
   - ☐ Таълими фарогир
3. **Кадом шаклро афзал медонед?**
   - ☐ Онлайн-курсҳо
   - ☐ Вебинарҳо
   - ☐ Семинарҳои ҳузурӣ
   - ☐ Омӯзгори роҳнамо
   - ☐ Хондани мустақилонаи мавод
4. **Кадом монеаҳо ба шумо халал мерасонанд?**
   - ☐ Норасоии вақт
   - ☐ Набудани барномаҳои мувофиқ
   - ☐ Маҳдудияти молиявӣ
   - ☐ Набудани дастгирӣ аз маъмурият

**5. Ҷадвали таҳлили сифати таълим дар асоси натиҷаи дастовардҳои омӯзгорон дар муқоиса бо дастовардҳои хонандагон.**

| Нишондиҳанда | Маълумот барои таҳлил | Методи арзёбӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| Сатҳи миёнаи дастовардҳои хонандагон | Натиҷаҳои ниҳоии давра | Таҳлили оморӣ | Муайян кардани нуқтаҳои заиф |
| Динамикаи дастовардҳо | Муқоисаи маълумот барои чанд сол | Мониторинг | Муайян кардани минтақаҳои рушд |
| Сатҳи фаъолшавии хонандагон | Ҳозиршавӣ, иштирок дар лоиҳаҳо | Пурсиш, мушоҳида | Иртибот бо усули таълим |
| Усулҳои таълимӣ | Методҳои анъанавӣ / инноватсионӣ | Пурсиши омӯзгорон | Таъсири усулҳо ба натиҷа |
| Арзёбии фикру мулоҳизаҳо | Назари хонандагон ва волидон | Анкетасанҷӣ, мусоҳиба | Дарки раванди омӯзиш |

**6. Корҳои дунафара ё инфиродӣ оид ба арзёбии сатҳи ҷалбсозии омӯзгорон ба раванди инноватсионӣ**:

IV. **Воситаҳои арзёбии фарогирии омӯзгорон дар равандҳои инноватсионӣ**

**1. Саволнома барои арзёбии омодагии омӯзгорон ба таҷрибаҳо.** Ин восита барои муайян кардани сатҳи кушодагии омӯзгорон ба методикаҳо ва технологияҳои нав кумак мекунад.

**Шакли саволнома:**

- **Шумо чанд вақт усулҳои навро дар раванди таълим ҷорӣ мекунед?**
  ☐ Мунтазам (ҳар як соли таҳсил)
  ☐ Баъзан (ҳангоми зарурат).
  ☐ Кам (бо талаботи маъмурият)
  ☐ Ҳеҷ гоҳ

- **Кадом омилҳо шуморо ба истифодаи инноватсияҳо ҳавасманд мекунанд?**
  ☐ Талоши шахсӣ барои рушд
  ☐ Дастгирии ҳамкорон ва маъмурият
  ☐ Натиҷаҳои мусбати хонандагон
  ☐ Дастрасӣ ба маводди омӯзишӣ

- **Кадом омилҳо ба ҷорӣ намудани** усулҳои **нав халал мерасонанд?**
  ☐ Норасоии вақт
  ☐ Набудани захираҳои мувофиқ
  ☐ Муқовимати ҳамкорон
  ☐ Норасоии дониш дар бораи тамоюли муосир

**2. Саволнома барои хонандагон ва волидайн дар бораи дарки усулҳои нави таълим**
**Шакли саволнома барои хонандагон:**

- **Ба шумо то чӣ андоза дарсҳое, ки дар онҳо технологияҳои муосир истифода мешаванд, ҷолибанд?**
  ☐ Хеле ҷолиб
  ☐ Қаноатбахш
  ☐ Фарқ надорад
  ☐ Умуман ҷолиб нест

**3. Шакли саволнома барои волидайн:**

- **Шумо ҷорӣ намудани инноватсияҳоро дар таълими муассиса чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**
  ☐ Мусбат
  ☐ Миёна
  ☐ Манфӣ

- **Ба фикри шумо, кадом ҷанбаҳои таълими инноватсионӣ муфиданд?**
  ☐ Рушди малакаҳои рақамӣ
  ☐ Беҳтар намудани иштироки кӯдакон дар раванд
  ☐ Мутобиқсозии таҳсил ба талаботи муосир

**Таҳлили инфрасохтор ва захираҳо**

**1. Саволнома: Арзёбии муҳити физикӣ**

| Савол | Вариантҳои ҷавоб |
|---|---|
| То чӣ андоза кабинетҳои таълимӣ бо технологияҳои рақамӣ муҷаҳҳаз шудаанд? | ☐ Комилан ☐ Қисман ☐ кам ☐ Нест |
| Оё маводди таълимӣ барои таълими самаранок кофӣ аст? | ☐ Бале, комилан ☐ Қисман ☐ Нокифоя ☐ тамоман нест |
| Оё захираҳои таълимӣ ба талаботи муосир мувофиқанд? | ☐ Комилан ☐ Қисман ☐ Кӯҳна ☐ Нест |
| Оё дар муассиса дастрасӣ ба интернети баландсуръат мавҷуд аст? | ☐ Ҳамеша ☐ Баъзан ☐ Кам ☐ Нест |

**2. Саволнома: Таҳқиқи сатҳи дастрасии имкониятҳои таълимӣ**

| Савол | Вариантҳои ҷавоб |
|---|---|
| То чӣ андоза хонандагон ба маводди таълимӣ дастрасии осон доранд? | ☐ Хеле осон ☐ Қаноатбахш ☐ Душвор ☐ Ғайриимкон |
| Оё муассиса барномаҳои дастгирӣ барои хонандагони дорои ниёзҳои махсус дорад? | ☐ Бале, дорад ☐ Дар шакли маҳдуд ☐ Надорад |
| Оё воситаҳои таълими фосилавӣ (курсҳои онлайн, лексияҳои видеоӣ) дастрасанд? | ☐ Ҳамеша ☐ Баъзан ☐ Кам ☐ Нест |
| Оё муассиса барои ташаббусҳои нави таълимӣ ва шарикӣ кушода аст? | ☐ Бале ☐ Қисман ☐ Суст ☐ Нест |

**3. Ҷадвал: Муайян кардани ниёзҳо барои матлубгардонии раванди таълим**

| Категория | Вазъи ҷорӣ (Маълумот пур карда мешавад) | Беҳбудиҳои зарурӣ (Тақдим карда мешавад) |
|---|---|---|
| Инфрасохтори рақамӣ | | |
| Маводи таълимӣ | | |
| Дастрасии захираҳо | | |
| Дастгирии омӯзгорон | | |

## *2. НАҚШИ ДИРЕКТОР ДАР ТАРҲРЕЗӢ ВА ИДОРАИ ТАҒЙИРОТ*

**Тарҳрезии муҳити таълим** — равандест мураккаб ва ҳамоҳангшуда, ки тафаккури стратегӣ, тағйирпазир ва иштироки ҳама иштирокчиёни раванди таълимро талаб мекунад. Директори муассиса ба **ё тағйирот** мубаддал мешавад, ки шароити рушди устувор ва таълими инноватсиониро фароҳам месозад. Тарҳрезӣ дар муҳити таълим — **идоракунии стратегӣ** аст, ки барои баланд бардоштани сифати таҳсил ва рушди касбии омӯзгорон равона шудааст.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

Барои самаранок идора кардани тағйирот дар муҳити таълим, директор бояд **аз рӯи алгоритми равшан амал кунад**, ки се марҳилаи калидиро дар бар мегирад: **ташхис, тарҳрезӣ ва гузаронидани тағйирот**.

**1. Ташхис — ҳамчун асоси тағйирот**

- **Ташхиси самаранок** ба муайян кардани ҷанбаҳои қавӣ ва заифи раванди таълимӣ имкон медиҳад.
- Истифодаи **воситаҳои объективӣ** (пурсишҳо, таҳлили маълумот, мониторинги дастовардҳо) қабули қарорҳои асоснокро дастгирӣ мекунад.
- Ҷалби **омӯзгорон, хонандагон ва падару модарон** ба ташхис дар шаклгирии тасвири пурраи муҳити таълимӣ мусоидат менамояд.

**2. Тарҳрезии тағйирот — ташкили стратегия**

- Муайян кардани **ҳадафҳо ва вазифаҳои дақиқ** рушди самтдор ва мувофиқи муассисаро таъмин мекунад.
- Таҳияи **нақшаи марҳилавии тағйирот** ба коҳиши хавф ва муқовимат кумак мекунад.
- Ташкили **дастаи ҳамфикрон ва тақсими нақшҳо** самаранокии татбиқи тағйиротро афзоиш медиҳад.

**3. Ҳамроҳии тағйирот — калиди устуворӣ**

- **Мониторинги натиҷаҳо ва танзими амалҳо** имкон медиҳад, ки ҳадафҳои гузошташуда амалӣ гарданд.
- **Муоширати мунтазам бо омӯзгорон ва хонандагон** имконият медиҳад, ки тағйиротро ба эҳтиёҷоти воқеии муассиса мутобиқ намоем.
- Эҷоди **механизмҳои дастгирӣ ва рушди ҳайат** тағйиротро устувор ва дарозмуддат мегардонад.

**4. Нақши ташаббускоронаи директор**

- **Директор ташаббускори тағйирот** буда, самти стратегиро барои рушди муассиса муайян месозад.
- Қобилияти кор бо даста ва **илҳомбахшии омӯзгорон** барои рушди касбӣ омили муҳим дар татбиқи муваффақи навовариҳост.
- Истифодаи **усулҳои муосири идоракунӣ** ба баланд гардидани сифати таҳсил мусоидат мекунад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**1. Ташхис — ҳамчун асоси тағйирот**

- **Ташхиси самаранок** ба муайян кардани ҷанбаҳои қавӣ ва заифи раванди таълимӣ имкон медиҳад.
- Истифодаи **воситаҳои объективӣ** (пурсишҳо, таҳлили маълумот, мониторинги дастовардҳо) қабули қарорҳои асоснокро дастгирӣ мекунад.
- Ҷалби **омӯзгорон, хонандагон ва падару модарон** ба ташхис дар шаклгирии тасвири пурраи муҳити таълим мусоидат менамояд.

**2. Тарҳрезии тағйирот — ташкили стратегия**

- Муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои дақиқ рушди самтдор ва мувофиқи муассисаро таъмин мекунад.
- Таҳияи нақшаи марҳилавии тағйирот ба коҳиши хавф ва муқовимат кумак мекунад.
- Ташкили дастаи ҳамфикрон ва тақсими нақшҳо самаранокии татбиқи тағйиротро афзоиш медиҳад.

**3. Ҳамроҳии тағйирот — калиди устуворӣ**

- Мониторинги натиҷаҳо ва танзими амалҳо имкон медиҳад, ки ҳадафҳои гузошташуда амалӣ гарданд.
- Муоширати мунтазам бо омӯзгорон ва хонандагон имконият медиҳад тағйиротро ба эҳтиёҷоти воқеии муассиса мутобиқ намоем.
- Эҷоди механизмҳои дастгирӣ ва рушди ҳайати тағйиротро устувор ва дарозмуддат мегардонад.

☞ ***Шакли кор: қайдҳои инфиродӣ + мубодилаи фикр дар дунафараҳо***

---

**II. Худсанҷии амалияи касбӣ**

**1. Таҳлили самаранокии равандҳои татбиқшуда**

- Арзёбӣ кунед, ки то чӣ андоза усулҳои ташхис, тарҳрезӣ ва ҳамроҳии тағйирот самаранок истифода шудаанд.
- Муайян намоед, кадом абзорҳо натиҷаи бештар доданд ва кадомашон ниёз ба такмил доранд.

**2. Рефлексия оид ба қарорҳои идоракунӣ**

- Таҳлил кунед, ки қарорҳои идоракунӣ чӣ гуна қабул мешуданд ва асоснокии онҳо чӣ гуна буд.
- Сатҳи даргиршавии ҳайати омӯзгорон ва ҷонибҳои манфиатдорро дар раванди тағйирот арзёбӣ кунед.

**3. Муайянсозии ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи амалияи шахсӣ**

- Амалҳои муваффақеро қайд кунед, ки ба тағйироти мусбат оварда расонданд.
- Лаҳзаҳоеро муайян намоед, ки ниёз ба ислоҳ доранд ва роҳҳои эҳтимолии беҳбудии онҳоро пешниҳод кунед.

☞ *Шакли кор:* ***қайдҳои инфиродӣ + мубодилаи фикр дар дунафараҳо***

---

**III. Гузариш ба амал**

**1. Гузариш ба амал пас аз таҳлили тағйироти таълимӣ**

- **Муайян кардани самтҳои афзалиятнок:** Вазифаҳои асосиро интихоб кунед, ки ба диққати фаврӣ ва ҳалли сохторӣ ниёз доранд.
- Тағйиротеро муайян кунед, ки барои муҳити таълим натиҷаи бештар медиҳанд.

**2. Таҳияи нақшаи амал**

- Қадамҳои пайдарпайро бо назардошти захираҳо, муҳлатҳо ва даргирии даста таҳия кунед.
- Механизмҳои мониторинг ва арзёбии самаранокиро таҳия намоед.

**3. Муошират бо ҳайати омӯзгорон**

- Стратегияро бо омӯзгорон ва ҷонибҳои манфиатдор муҳокима кунед.
- Гурӯҳҳои корӣ барои татбиқи тағйирот ташкил намуда, нақшҳоро тақсим кунед.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодии 4.2**

1. **Кадом қадам дар идоракунии тағйирот дар муҳити таълим аввалин мебошад?**
   а) Ҳамроҳии тағйирот
   б) Тарҳрезии стратегия
   в) Ташхиси вазъияти ҷорӣ
   г) Ҷорӣ намудани навовариҳо

2. **Шарти асосии тархрезии муваффақ кадом тағйирот мебошад?**
   а) Пинҳон кардани минтақаҳои мушкил
   б) Иштироки танҳо маъмурият
   в) Такя ба маълумот ва ниёзҳои муассиса
   г) Нодида гирифтани фикру мулоҳизаҳо
   **Ҷавоб:** ____________________________________________

3. **Мувофиқат: Марҳиларо бо хусусияти он мувофиқ кунед.**

| Марҳила | Хусусият |
|---|---|
| A. Ташхис | 1. Мониторинг ва мутобиқсозии қарорҳои ҷорӣ |
| B. Тарҳрезӣ | 2. Ҷамъоварии маълумот, муайян кардани мушкилот |
| C. Ҳамроҳӣ | 3. Муайян кардани ҳадафҳо ва нақшаи амалҳо |

**Ҷавоб:** A — , B — , C —

4. **Дуруст/Нодуруст**
   1. Тарҳрезии тағйиротро метавон бе ташхис оғоз кард. **Дуруст / Нодуруст**
   2. Мониторинг ба мутобиқсозии тағйирот дар ҷараёни татбиқ кумак мекунад. **Дуруст / Нодуруст**

5. **Саволҳои** кушода (ҷавоби кӯтоҳ нависед):
   1. Ду воситаи ташхиси муҳити таълимро номбар кунед.
   **Ҷавоб:** ____________________________________________

6. **Вазифаи кейсӣ**

**Вазъият:** Дар муассиса низоми нави баҳодиҳӣ ҷорӣ карда шудааст, аммо қисми омӯзгорон аз мураккабии низом норозӣ ҳастанд ва волидон шикоят мекунанд, ки низомро намефаҳманд.

**Савол:** Дар кадом марҳила (ташхис, тарҳрезӣ, ҳамроҳӣ) хатогиҳо содир шудаанд? Тавсияҳои худро барои ислоҳи вазъият пешниҳод кунед.

**Ҷавоб:** ____________________________________________

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАИ ТАЪЛИМ:**

2. Муҳити таълимие, ки ба ҳавасмандкунии салоҳиятҳои калидӣ водор мекунанад, таҳлил ва фаъолиятҳои онро нақшабандӣ кардан.



### МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Машғулияти амалии 1. Таҳлили вазъият**

**Матнро хонед ва ба саволҳо ҷавоб диҳед:**

**Вазъият:** Дар муассиса пастшавии ҳавасмандии хонандагон ба таҳсил мушоҳида мешавад. Омӯзгорон қайд мекунанд, ки бисёре аз хонандагон вазифаҳои хонагиро иҷро намекунанд ва волидон аз набудани робитаи бозгашт шикоят мекунанд. Директори муассиса тасмим гирифт, ки тағйирот ворид кунад, то муҳити таълимро беҳтар созад.

**Саволҳо:**

1. Кадом қадамҳоро аз марҳилаи ташхис бояд директори муассиса анҷом диҳад?
2. Барои таҳлили вазъият кадом маълумотро бояд ҷамъоварӣ кард?
3. Дар асоси тавсиф кадом мушкилоти асосиро метавон муайян кард?

**2. Тарҳрезии тағйирот**

**Тасаввур кунед, ки шумо директори муассиса ҳастед. Дар асоси мушкилоти муайяншуда нақшаи кӯтоҳи тарҳрезии тағйиротро дар асоси омилҳои зерин таҳия кунед:**

- Ҳадафҳои тағйирот.
- Марҳилаҳои асосии татбиқ ва захираҳое, ки барои татбиқи тағйирот заруранд.

**3. Хатогиҳо дар раванди тағйирот**

**Матни амалҳои директорро хонед ва ғалатҳоро пайдо кунед:**

**Тавсиф:** Директори муассиса тасмим гирифт, ки бе гузаронидани ташхиси пешакӣ тағйирот ворид кунад. Ӯ фавран стратегияи худро таҳия кард, бе ҷалби омӯзгорон ва волидон. Пас аз татбиқи тағйирот директор мониторинги натиҷаҳоро анҷом надод ва робитаи бозгаштро ташкил накард.

**Вазифа:**

1. Се ғалатҳоро дар амалҳои директор муайян кунед.
2. Шарҳ диҳед, ки дар ҳар марҳила (ташхис, тарҳрезӣ, ҳамроҳӣ) чӣ гуна бояд амал мекард.

**4. Таҳлили муқоисавӣ**

**Ду равишро ба идоракунии тағйирот муқоиса кунед:**

**Равиши 1:** Директор ташхис мегузаронад, маълумот ҷамъ меорад, стратегияи худро таҳия мекунад ва омӯзгоронро ба татбиқи тағйирот ҷалб мекунад.

**Равиши 2:** Директор мустақилона бе гузаронидани ташхис ва муҳокимаи тағйирот бо ҳайат қарор қабул мекунад.

**Саволҳо:**

1. Кадом афзалиятҳо ва камбудиҳо дар ҳар як равиш мавҷуданд?
2. Кадом равиш самаранoктар аст ва чаро?

**5. Вазифаи кейсӣ**

**Кейс:** Дар муассиса низоми нави баҳодиҳии дониши хонандагон ҷорӣ карда мешавад. Омӯзгорон норозигии худро изҳор мекунанд, зеро фикр мекунанд, ки низом хеле мураккаб аст. Волидон шикоят мекунанд, ки намефаҳманд, ки фарзандонашон чӣ гуна баҳогузорӣ мешаванд.

**Вазифа:**

1. Муайян кунед, ки дар кадом марҳила (ташхис, тарҳрезӣ, ҳамроҳӣ) ғалатҳо содир шудаанд.
2. Нақшаи амалро барои ислоҳи вазъият пешниҳод кунед.

## Адабиёт ва сарчашмаҳо


1. Беляев Г.Ю. Формирование термина «образовательная среда» в психолого-педагогической литературе конца XX – начала XXI века (Образовательная среда как предмет профессиональной деятельности педагога-воспитателя).– URL: http://dzd.rksmb.org/science/bel06.htm.

2. Компетенции «4К»: средовые решения для школы. Практические рекомендации: учебно-методическое пособие / сост. М. А. Пинская, А. М. Михайлова. — М.: Российский учебник, 2020. — 95, [1] с.: ил.

3. Консепсияи милии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, Матбуот, 2003

4. Конаржевский Ю.А. Внутри школьный менеджмент. М.: Новая школа, 1993.

5. Кулюткин Ю., Тарасов С. Образовательная среда и развитие личности // Новые знания, 2001, № 1. URL: http:// www.znanie.org/gurnal/nl_01/obraz_sreda.html.

6. Моисеев А. М. Стратегическое управление школой: вопросы и ответы: монографическое практико-ориентированное научно-методическое пособие для руководителей образовательных организаций. В 2 т. / Под ред. О. М. Моисеевой. М., 2019.

7. Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарор Ҳукумати Ҷумхурии Точикистон аз «1» августи соли 2015, №494).

8. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526).

9. Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2025, №2/3 тасдиқ шудааст).

10. Ясвин В.А. Школьная среда как предмет измерения: экспертиза, проектирование, управление. / - М.: Народное образование, 2019. - 448 с.

11. Ясвин В.А. Образовательная среда: от моделирования к проектированию / под. науч. ред. В.П. Лебедевой, В.П. Панова. – Черноголовка, 1997.

12. Ясвин В. А. Экспертиза школьной образовательной среды / В.А. Ясвин. – М., 2000.

13. Фомина Т.Г., Потанина А.М., Моросанова В.И. Взаимосвяз школьной вовлеченности и саморегуляции учебной деятельности: состояние проблемы и перспективы исследований в России и за рубежом *Вестник РУДН. Серия: Психология и педагогика.* 2020. Т. 17. № 3. С. 390–411.